ДАРГУЗАШТИ РАИСИ ВМКБ АЛИШЕР МИРЗОНАБОТ с. 5
ЯК ҲАФТА ТАБОБАТИ РОЙГОН ДАР «ИСТИҚЛОЛ» с. 2
ПОЁНИ ҶАНГИ ЭРОНУ АМРИКО? с. 4

# ТОҶИКИСТОН

№ 24 (1688), 17.06.26 РӮЗНОМА ЗИЁД, «ТОҶИКИСТОН» ЯКТОСТ! Оғози нашр соли 1992



# ҚОНУНИ АФВ

## Киҳо аз зиндонҳо озод мешаванд?






## ДАР ИН ШУМОРА:

**АМРИКО ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ**
Мулоқоти Шералӣ Кабир бо Серҷио Гор с.8

**ЗАФАР АЗИМОВ**
Сармоягузори тоҷик дар Русия с.7

**ОДИНА ҲОШИМ**
Чаро ӯ нобиғаи аср аст? с.10

**ҶАҲОН**
Трамп ба Путину Зеленский чӣ гуфт? с.4

**АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ**
Хоки ӯро бояд ба Тоҷикистон орем... с.6

**ГУМРУК**
Расмиёт содатар мешавад с.7

**ВАРЗИШ**
10 нишони паҳлавонони тоҷик аз Чемпионати Осиё с.15

**ФИРОР АЗ ГАРМӢ**
Чӣ бояд кард, то нурҳои офтоб зарар наоранд? с.12

# ФЕҲРИСТИ НАВИ НОМҲОИ ТОҶИКӢ

**Китоби нави “Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ” чоп шуд. Феҳристи нав аллакай барои истифода дар сабти номи кӯдакони навзод ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ пешниҳод шудааст.**

Тавре аз Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфтанд, аз феҳристи қаблӣ, ки аз соли 2023 амал мекард ва 4056 ном дар он гирд оварда шуда буд, 1745 ном хориҷ карда шуда, 965 номи нав аз “Фарҳанги номҳои зебои ориёӣ” илова карда шудааст. Ҳамин тавр, дар феҳристи навшудаи номҳои тоҷикӣ 3461 номҳои асили тоҷикона гирд оварда шудаанд.

# АФЗОИШИ ИСТЕҲСОЛИ ТУХМ

**Ба ҳолати 1-уми июни соли 2026 дар вилояти Суғд 6 миллиону 610 ҳазору 641 сар паранда мавҷуд буда, дар панҷ моҳи соли равон 352 миллиону 216,1 ҳазор дона тухм истеҳсол шудааст.**

Тавре дафтари матбуоти раиси вилояти Суғд хабар медиҳад, корхонаи парандапарварии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Парандапарвар-2017» аз ҷониби соҳибкор Темур Мамедов таъсис ёфта, ба истеҳсоли тухми паранда нигаронида шудааст. Айни замон дар корхона беш аз 550 ҳазор сар паранда парвариш карда мешавад.

Тибқи маълумот, дар корхона ҳар рӯз то 350 ҳазор дона тухм истеҳсол шуда, ҳаҷми солонаи истеҳсолот беш аз 120 миллион донаро ташкил медиҳад. Маҳсулоти истеҳсолшуда ба бозорҳои дохилии мамлакат пешниҳод шуда, дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ саҳми назаррас мегузорад.

# ҚАҲРАМОНИИ ХОНАНДАИ МАКТАБ

**Як хонандаи мактаб дар шаҳри Бохтар кӯдаки дусоларо аз ғарқшавӣ наҷот дод.**

Раёсати ВКД дар вилояти Хатлон аз ӯ Зоир Юсуфҷонов, хонандаи синфи 10-уми мактаби №14-и Бохтар ном бурдааст. Ӯ рӯзи 15-уми июн дар ҳудуди ин шаҳр писарчаи 2-солаеро, ки ба дарё афтода, дар ҳолати ғарқшавӣ қарор дошт, наҷот дод. Ин ниҳод гуфтааст, ки “ба шарофати амалҳои саривақтӣ ва ҷасорат”-и Зоир Юсуфҷонов кӯдаки дусола аз об берун оварда шуда, ба беморхона интиқол ёфт ва ҳоло вазъаш хуб аст. Дар пайи ин воқеа, пулиси Хатлон рӯзи 16-уми июн ин хонандаи мактабро бо сипоснома ва планшет қадрдонӣ кард.

# ЯК ҲАФТА ТАБОБАТИ РОЙГОН ДАР «ИСТИҚЛОЛ»

**Аз 22 то 28-уми июн дар бемористони "Истиқлол"-и шаҳри Душанбе барои беморони калонсоли гирифтори бемориҳои дилу раг ва кӯдакони дорои нуқсонҳои модарзодии дил машварат, табобат ва ҷарроҳии дил гузаронида мешавад.**

Тавре аз бемористони мазкур хабар додаанд, амалҳои зеринро мутахассисони эронӣ дар ҳамкорӣ бо ҷарроҳони қалб аз Тоҷикистон ройгон мегузаронанд. Дар рӯзҳои номбурда машварати ҷарроҳони қалб ройгон буда, ташхиси дил (ЭКГ ва ЭхоКГ) пулакӣ аст. Беморони дорои нуқсонҳои модарзодии дил, ки гувоҳномаи камбизоатӣ доранд, метавонанд барои баррасии имкони анҷоми ҷарроҳияшон аз ҳисоби маблағҳои хайриявӣ ба бемористони "Истиқлол" муроҷиат кунанд.



# МУЛОҚОТИ ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ БО ҚОҲИР РАСУЛЗОДА

**Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода дар шаҳри Тошканд дидору мулоқот намуданд.**

Дар ин мулоқот Сарвазири кишвар иброз дошт, ки ҳар ду кишвари ҳамсояро анъанаҳои неки чандинасра ва эҳтироми ҳамдигарӣ муттаҳид мекунад.

Тарафҳо таваҷҷуҳи хос ба дурнамои рушди муносибатҳо дар самтҳои тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ, саноат, энергетика ва фарҳанг зоҳир намуданд.

Ҳамчунин, тарафҳо аз суръати баланди рушди шарикии дуҷониба дар ҳама соҳаҳо изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Президенти Ӯзбекистон дар ин дидор қайд кардааст, ки ҳаҷми тиҷорат дар ҳоли афзоишёбист ва лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, саноат, кишоварзӣ ва идоракунии об дар марҳилаҳои фаъол қарор доранд.

Шавкат Мирзиёев дар мулоқот бо Сарвазири Тоҷикистон дар бораи таҳияи ташаббусҳои нав, аз ҷумла тавассути мубодилаи байнинминтақавӣ ва фарҳангӣ-гуманитарӣ низ таъкид намудааст.

# САРИ САБЗ



**Маҷид САЛИМ, нависандаи маъруфи тоҷик**

**- Албатта, инсон бузург аст, вале дар раванди ташаккули худ бисёр чизҳоро аз ҷонварон омӯхтааст. Масалан, сохтани тайёраро аз парвози парандагон, бунёди манзилро низ аз лонасозии парандагон ва ҳатто бубинед, ки пеш аз инсон Лайка ном саг ба кайҳон парвоз кардааст.**

*- Ҳммм, пас, инсон бо вуҷуди бузургӣ наметавонад намунаи пайравӣ ва боиси ифтихор бошад? Оё ҷонварон ҳам метавонанд ягон чизро аз инсон омӯзанд, ки омили тафохур гардад?*



**Сунатулло ҶОНБОБОЕВ, номзади илмҳои фалсафа**

**- Воқеан, ҳеҷ кас аз миёни тоҷикон ё эрониён зидди он набуд ва нест, ки мероси Ибни Синоро дигарон истифода баранд. Дастовардҳои илм бебаҳс моли тамоми инсониятанд, вале дар баробари ин зарурати баргардонидани ин мерос ба меросдорони аслӣ вуҷуд дорад.**

*- Бале, дуруст фармудед, кулли инсоният бояд аз дастовардҳои илм баҳравар гарданд. Зимнан, баҳсҳои беҳударо як тараф мондаву бо роҳи дар таҷриба амалӣ кардан мероси Синоро баргардонидан мумкин аст.*



**Сарҳадҷон ФОЗИЛОВ, мураббии муҳорибаҳои омехта**

**- Ман ба варзиши намуди муштзанӣ аз кӯдакӣ ҳавас доштам. Вале имконияти машқу тамрин вуҷуд надошт. Аз рӯйи ҳавас бе ягон устод машқу тамрини шогирдона мекардам. Рақобатҳои Ҷорҷ Формен, Муҳаммад Алӣ, Майк Тайсон ва дигаронро тамошо мекардем.**

*- Ҳоло ҳам дер нашудааст. Акнун ки имконияти машқу тамрин фароҳам омадааст, метавонед фаъол бошед. Хоҳиш бошад, синну сол он қадар аҳамият ҳам надорад.*

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,** Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,** Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ, академик

**Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,** раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,** муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,** Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,** академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,** нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,** Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,** саҳифабанд

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.



# ҚОНУНИ АФВ

## Киҳо аз зиндонҳо озод мешаванд?

**16-УМИ ИЮН ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ҚОНУНИ АФВРО ИМЗО КАРД, КИ ОН ДАВОМИ ДУ МОҲ БА 18 ҲАЗОРУ 38 НАФАР ТАТБИҚ МЕГАРДАД. АЗ ИН ЧАНД НАФАР БА ОЗОДӢ МЕБАРОЯНД? МУҲЛАТИ ҶАЗОИ ЧАНД НАФАР КАМ КАРДА МЕШАВАД? ҚОНУНИ АФВ НИСБАТИ КИҲО ТАТБИҚ НАМЕШАВАД? МО БА ИН СУОЛҲО ПОСУХ ҶУСТЕМ.**

### БАХШИДА БА ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ

Тибқи иттилои хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон Қонуни афв дар арафаи яке аз рӯйдодҳои муҳимтарини таърихи Тоҷикистон - ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ имзо шудааст. “Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз ҳуқуқи конститутсионии худ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи афв»-ро ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд. Баъди баррасӣ ва қабули он аз ҷониби парлумон, қонун аз ҷониби Сарвари давлат ба имзо расид”,- хабар дод рӯзи 16-уми июн сомонаи Президенти кишвар.

“Қабули Қонун «Дар бораи афв» ифодаи сиёсати инсондӯстонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, ба шахсоне, ки даст ба ҷиноят задаанд, имкон медиҳад, ки ислоҳ шаванд, ба назди наздикону пайвандҳои худ баргашта, ба кору фаъолияти созанда машғул шаванд”,- омадааст дар хабарномаи хадамоти матбуоти Президенти кишвар.

### АФВИ БЕШ АЗ 18 ҲАЗОР НАФАР

Тавре ишора шуд, қонуни мазкур нисбат ба 18 ҳазору 38 нафар татбиқ мегардад. Хадамоти матбуоти Президенти кишвар менависад, ки тибқи Қонуни афв аз ҷумла 11 ҳазору 305 кас аз зиндону боздоштгоҳ ва ҳабси сукунатӣ раҳо шуда, мухлати ҷазои 6 ҳазору 733 тани дигар кам мешавад.

Манбаъ гуфтааст, аз 507 зан, ки дар зиндонҳо адои ҷазо мекунанд, 248 тан озод шуда, мухлати адои ҷазои 259 зани дигар кам карда мешавад. Ҳамчунин, аз 134 ноболиғе, ки адои ҷазо менамоянд, 99 нафар аз адои боқимондаи ҷазо озод гардида, нисбат ба 35 тани дигар мухлати боқимондаи адои ҷазо кам карда мешавад.

Тибқи иттилои сомонаи хадамоти матбуоти президент, Қонуни афв шахсонеро, ки парвандаашон мавриди таҳқиқ аст ё дар баррасии додгоҳ қарор дорад, низ дар бар мегирад.

Президенти кишвар мақомотро мувоззаф кардааст, ки Қонун “Дар бораи афв”-ро дар ду моҳ иҷро карда, зиндониёни раҳошударо бо кор таъмин карда, ноболиғонро ба таҳсил фаро гиранд.

### ШАРҲИ ПРОКУРОРИ ГЕНЕРАЛӢ

Пеш аз он ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи афв» аз ҷониби Президенти кишвар ба имзо расад, лоиҳаи он дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷониби вакилон ҷонибдорӣ шуд. Дар ҷаласаи парлумон лоиҳаи қонунро Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Воҳидзода муаррифӣ намуда, муҳимтарин муқаррароти онро шарҳ дод.

Тавре аз сабти ҷаласа, ки тавассути радиои давлатии «Фарҳанг» пахш гардид, бармеояд, Прокурори генералӣ зикр кардааст, ки қонун аз 22 модда иборат буда, ба озод намудани як қисми маҳкумшудагон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва кам кардани мухлати адонагардидаи ҷазои онҳо равона шудааст. Ба гуфтаи ӯ, афв пеш аз ҳама ба гурӯҳҳои ичтимоии осебпазир дахл мекунад. Аз ҷумла, занон, ноболиғон, мардони аз 55-сола боло, шахсони дорои маъюбият, гирифторони бемориҳои вазнин, иштирокчиёни амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди давлатҳои дигар, дорандагони мукофотҳои давлатӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд аз имтиёзҳои қонун истифода баранд.

> **БА БЕШ АЗ 18 ҲАЗОР НАФАР АФВШАВАНДА ДАСТГИРШУДАГОН, ГУМОНБАРОН, АЙБДОРШАВАНДАГОН ВА ШАХСОНЕ, КИ ПАРВАНДАҲОИ ОНҲО ДАР МАРҲИЛАИ ТАФТИШ, ТАҲҚИҚ Ё БАРРАСИИ СУД ҚАРОР ДОРАНД, ДОХИЛ НАМЕШАВАНД.**

Ҳамчунин, шахсоне, ки ҷиноятро аз беэҳтиётӣ содир намудаанд, новобаста аз намуди ҷазо аз адои он озод карда мешаванд. Муқаррароти қонун инчунин ба шаҳрвандоне татбиқ мегардад, ки нисбат ба онҳо иҷрои ҷазо мавқуф гузошта шудааст, ё ҷазо шартан татбиқ нашудааст ва ё онҳо шартан пеш аз мухлат аз маҳрумият аз озодӣ озод гардидаанд.

Тибқи шарҳи Прокурори генералӣ, маҳкумшудагоне, ки бори аввал барои ҷиноятҳои начандон вазнин ё дараҷаи миёна ба мухлати то панҷ сол аз озодӣ маҳрум шудаанд, пурра аз адои ҷазо озод мегарданд.

Инчунин, барои онҳое, ки барои ҷиноятҳои вазнин маҳкум шуда, на камтар аз се як ҳиссаи мухлати ҷазоро адо кардаанд ва ё барои ҷиноятҳои махсусан вазнин маҳкум гардида, аз чор се ҳиссаи мухлати ҷазоро сипарӣ намудаанд, озодшавӣ аз адои ҷазо пешбинӣ шудааст.

Ҳабибулло Воҳидзода гуфтааст, ки афв нисбати шахсоне, ки бо иттиҳоми “маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти террористидошта” (моддаи 179, иловаи 2, қисмҳои 1, 2-и КҶ) маҳкум шудаанд, бо шарте, ки маблағгузорӣ то 1 ҳазор сомонӣ бошад ва касоне, ки барои муомилоти ғайриқонунии моводи нашъадор ба миқдори кам (дар банди “в”, қисми 3, моддаи 200, ё банди “в”, қисми 3, моддаи 201-и КҶ) зиндонӣ шудаанд, низ татбиқ мегардад. Яке аз муқарароти муҳими қонун ба шахсони синнашон ба 70 расида дахл дорад. Тибқи он, чунин шаҳрвандон, ба истиснои ашхосе, ки барои ҷиноятҳои махсусан вазнин, ҷиноятҳо бар зидди сохти конститутсионӣ, амнияти давлат ва ё бар зидди сулҳу амнияти инсоният маҳкум шудаанд, аз адои ҷазо озод карда мешаванд.

Дар баробари озодкунӣ, қонун коҳиш додани мухлати боқимондаи ҷазоро низ пешбинӣ кардааст. Аз ҷумла, мухлати адонагардидаи ҷазои маҳкумшудагон барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршуда, инчунин ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна то нисф кам карда мешавад.

(Давомаш дар саҳ. 6)

## ТИРПАРРОНӢ ДАР МАРЗИ ТОҶИКИСТОНУ ҚИРҒИЗИСТОН

**Марзбонҳои Қирғизистон ба сӯйи ду шаҳрванди ин кишвар, ки қасди вуруд ба Тоҷикистонро доштаанд, тир холӣ кардаанд.**

Хадамоти марзбонии Қирғизистон гуфтааст, ки ду шаҳрванди ин кишвар мехостанд 17 сар гов ва як сар аспро ба сурати қочоқ ба Тоҷикистон интиқол диҳанд. Барои ин сими хордори деворҳои муҳофизатии марзи ду кишварро бурида, кӯшиш кардаанд, ки ҳайвонотро берун аз гузаргоҳҳои муқарраршуда убур диҳанд.

Хабаргузории қирғизии “Кактус” бо такя ба ин ниҳод навишт, ки ин ҳодиса шаби 15 ба 16-уми май дар мавзеи Курук-Сойи вилояти Бодканд ва дар марз бо вилояти Суғди Тоҷикистон рух додааст.

Хадамоти марзбонии Қирғизистон изҳор доштааст, ки онҳо ҳангоми боздошт бо марзбонон “муқовимати шадид” нишон додаанд ва бо вуҷуди шиллики ҳушдор ба осмон муқобилиятро идома додаанд. Дар пайи ин, ба иттилои ин ниҳод, марзбонҳои қирғиз аз силоҳ истифода кардаанд ва яке аз “қонуншиканон” аз пояш осеб бардошта, ба бемористон интиқол ёфтааст.

## МАҲСУЛОТИ ХАТЛОН ДАР ҚАЗОҚИСТОН

**Рӯзҳои 27 ва 28-уми июн дар Қазоқистон намоиш-фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳунарҳои мардумии Тоҷикистон баргузор мешавад.**

Ин чорабинӣ дар шаҳри Алмаато сурат гирифта, дар он кишоварзону ҳунармандони вилояти Хатлон маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳунарҳои мардумии Тоҷикистонро ба намоиш мегузоранд. Ба иттилои расмӣ, дар намоиш-фурӯш маҳсулоти гуногуни кишоварзии шаҳру ноҳияҳои ин вилоят, аз ҷумла харбуза, помидор, бодиринг, пиёз, картошка, лаблабуи сурх, карам, шалғам, олу, тарбуз, қаламфури булғорӣ ва меваҳои хушк ба тамошову фурӯш гузошта хоҳанд шуд. Ҳамчунин, дар чорабинии мазкур маҳсулоти саноатии корхонаҳои Хатлон, ҳунарҳои мардумӣ ва маҳсулоти нонии ин вилоят пешниҳоди меҳмонон шуда, ҳамзамон баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ бо иштироки ҳунармандони тоҷик низ дар назар аст.

# ПОЁНИ ҶАНГИ ЭРОНУ АМРИКО

**ТИБҚИ ИТТИЛОИ РАСМӢ, ТАФОҲУМНОМАИ СУЛҲ МИЁНИ ЭРОН ВА АМРИКО РӮЗИ ҶУМЪА ДАР ШВЕЙТСАРИЯ БА ИМЗО МЕРАСАД. АВВАЛИН ШУДА ДАР БОРАИ НИҲОӢ ШУДАНИ ТАВОФУҚ ШАҲБОЗ ШАРИФ, НАХУСТВАЗИРИ ПОКИСТОН ХАБАР ДОД. МАҲЗ ПОКИСТОН ДАР МОҲҲОИ АХИР НАҚШИ МИЁНҶИИ АСОСИРО МИЁНИ ТЕҲРОН ВА ВАШИНГТОН ИҶРО КАРДААСТ.**



### СОЗИШИ КОМИЛ

Ба гуфтаи нахуствазири Покистон, ҷонибҳо дар мавриди қатъи фаврӣ ва доимии ҷанг дар ҳамаи самтҳо, аз ҷумла дар Лубнон ба мувофиқа расидаанд. Ин изҳорот дар шароите садо дод, ки минтақаи Ховари Миёна дар моҳҳои охир шоҳиди яке аз пуртаништарин даврҳои худ буд.

15-уми июн, пас аз чанд соат президенти Амрико Доналд Трамп низ расидан ба тавофуқро тасдиқ намуда, онро “созиши комил” номид. Ӯ таъкид кард, ки дар доираи созиш масъалаи бозкушоии тангаи Ҳурмуз ва қатъи муҳосираи баҳрии Эрон низ пешбинӣ шудааст.

Аз ҷониби Эрон низ Шурои олии амнияти миллӣ бо нашри изҳорот аз расидан ба созиши сулҳ хабар дода, эълон кард, ки амалиёти низомӣ бояд фавран қатъ гардад ва маҳдудиятҳои баҳрӣ бекор карда шаванд. Ҳарчанд матни пурраи тафоҳумнома то ҳол расман нашр нашудааст, маълумоти дастрас нишон медиҳад, ки ҷонибҳо танҳо ба масъалаи оташбас маҳдуд нашуда, барои баррасии масъалаҳои калидии дигар низ замина фароҳам овардаанд.

### МУАММОИ ҲУРМУЗ

Яке аз масъалаҳои асосии созишнома ба тангаи Ҳурмуз вобаста аст. Ин гузаргоҳи стратегӣ яке аз муҳимтарин роҳҳои интиқоли нафту газ дар ҷаҳон ба шумор меравад.

Пеш аз оғози низоъ аз тариқи Ҳурмуз тақрибан 20 фоизи содироти ҷаҳонии нафт амалӣ мегардид. Дар пайи шиддат гирифтани вазъият ҳаракати киштиҳо дар ин минтақа маҳдуд шуда, нархи нафт дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба таври назаррас боло рафт.

Акнун бо эълони бозкушоии Ҳурмуз вокуниши бозорҳо низ фавран эҳсос гардид. Дар давоми чанд соат нархи нафт дар бозорҳои байналмилалӣ поин рафт.

### КОР ДАР ПЕШ АСТ

Ҳарчанд дар бораи созиш сухан меравад, воқеият он аст, ки масъалаҳои асосӣ ҳанӯз ҳалли ниҳоии худро пайдо накардаанд.

Муовини вазири корҳои хориҷии Эрон Козим Ғарибободӣ эълон кардааст, ки баъд аз имзои тафоҳумнома музокироти 60-рӯза оғоз мешавад.

**Ба гуфтаи ӯ, дар ин давра масъалаҳои муҳимтарин, аз ҷумла:**

- *бардоштани таҳримҳои иқтисодӣ алайҳи Эрон;*
- *бекор намудани таҳримҳои сонавӣ;*
- *қатъномаҳои Шурои амнияти СММ;*
- *фаъолияти ҳастаии Эрон;*
- *муносибатҳои иқтисодӣ ва молиявӣ*

мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

### БАҲСИ БАРНОМАИ ҲАСТАӢ

Масъалаи асосии баҳс миёни Теҳрон ва Вашингтон барномаи ҳастаии Эрон аст. Амрико ва шарикони ғарбии он борҳо иддао кардаанд, ки Эрон метавонад аз барномаи ҳастаии худ барои истеҳсоли силоҳи атомӣ истифода барад. Эрон бошад, пайваста таъкид мекунад, ки барномаи ҳастаии он хусусияти осоишта дошта, барои истеҳсоли нерӯ ва мақсадҳои илмӣ пешбинӣ шудааст. Ҳоло ҳам яке аз саволҳои асосӣ сарнавишти захираҳои ғанишудаи урани Эрон мебошад.

Мақомоти амрикоӣ мегӯянд, ки сабуктар шудани таҳримҳо аз рафтори минбаъдаи Эрон вобаста хоҳад буд.

### ОЁ ҶАНГ ВОҚЕАН ХОТИМА МЕЁБАД?

Яке аз масъалаҳои мураккаби созишнома ба вазъият дар Лубнон ва Фаластин дахл дорад. Эрон аз ибтидо таъкид мекард, ки сулҳи воқеӣ танҳо дар сурати қатъ гардидани амалиёти низомии Исроил дар ҳамаи самтҳо имконпазир аст. Аммо то ҳол маълум нест, ки дар матни созишнома нисбат ба Исроил чӣ гуна ӯҳдадориҳо пешбинӣ шудаанд.

Ҳамагӣ чанд соат пеш аз эълони ниҳоӣ шудани тавофуқ нерӯҳои Исроил ба Бейрут ва Ғазза ҳамла карданд.

Ҳизбуллоҳ, ки яке аз бозигарони асосии минтақа ба ҳисоб меравад, низ дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад. Амрико ин созмонро террористӣ медонад, дар ҳоле ки Эрон онро яке аз нерӯҳои муқовимат арзёбӣ мекунад. Аз ин рӯ, масъалаи Лубнон эҳтимолан яке аз мушкилтарин мавзуҳои музокироти баъдӣ хоҳад буд.

### НИГАРОНИИ ИСРОИЛ

Ҷолиб он аст, ки то ин дам мақомоти Исроил аз созиши эҳтимолӣ истиқболи ошкор накардаанд. Баръакс, бархе мансабдорони исроилӣ онро барои манфиатҳои кишвари худ номатлуб арзёбӣ намудаанд.

Тибқи маълумоти расонаҳои байналмилалӣ, яке аз мансабдорони баландпояи Исроил созиши мазкурро "даҳшатбор" номидааст.

Ин мавқеъ нишон медиҳад, ки дар дохили минтақа нисбат ба натиҷаҳои музокирот назари ягона вуҷуд надорад.

Исроил ҳамчунин изҳор доштааст, ки хатто дар сурати идомаи оташбас нерӯҳои худро аз қисматҳои муайяни Лубнон берун нахоҳад кард.

### ЧАРО ШВЕЙТСАРИЯ?

Барои имзои санади тавофуқ шаҳри Женева интихоб шудааст. Ин интихоб тасодуфӣ нест. Дар тӯли даҳсолаҳо Швейтсария макони музокироти муҳими байналмилалӣ буда, ҳамчун кишвари бетараф эътироф шудааст. Бино ба иттилои мақомоти Эрон, ҳайати ин кишварро раиси Маҷлиси Шурои Исломӣ Муҳаммад Боқир Қолибоф раҳбарӣ хоҳад кард. Ҳайати Амрикоро бошад, муовини президент Ҷей Ди Вэнс раҳбарӣ менамояд.

---



## ТРАМП БА ПУТИНУ ЗЕЛЕНСКИЙ ЧӢ ГУФТ?

**Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар рӯзи зодрӯзаш бо роҳбарони Украина ва Русия телефонӣ суҳбат кардааст. Трамп рӯзи 14-уми июн 80-сола шуд.**

Владимир Зеленский, раисҷумҳури Украина суҳбат бо Трампро "ҷолиб" номид ва афзуд, ки "бисёр масъалаҳои калидиро" баррасӣ кардаанд. Дар бораи суҳбати Доналд Трамп бо Владимир Путин ёвари раисҷумҳури Русия Юрий Ушаков хабар дод. Ин суҳбат қариб як соат идома кардааст.

Ба қавли Ушаков, ду тараф дар бораи сафари қарибулвуқӯи фиристодаи вижаи президенти Амрико ба Маскав тавофуқ кардаанд.

Ба гуфтаи ёвараш, Владимир Путин гуфтааст, ки ҳамлаҳои Украина ба зерсохтҳои Русия ба раванди ҷанг таъсир намерасонанд.

Худи Трамп дар бораи суҳбаташ бо роҳбарони Русия ва Украина чизе нагуфтааст.

BBC

## АВВАЛИН ТРИЛЛИОНЕРИ ҶАҲОН

**Бозори саҳомии Wall Street рӯзи ҷумъа шоҳиди ҳодисаи таърихӣ шуд. Илон Маск рӯзи 12-уми июн пас аз он ки саҳмияҳои ширкаташ SpaceX дар нахустин рӯзи пешниҳоди умумии аввалия дар бозор 30 дарсад афзоиш ёфт, нахустин триллионери ҷаҳон шуд.**




Маск пеш аз пешниҳоди умумии саҳмияҳои SpaceX бо сарвати ҳудуди 696 миллиард доллар сарватмандтарин фарди ҷаҳон буд. Ӯ 62 дарсад саҳми SpaceX-ро дар ихтиёр дорад. Коршиносон арзиши ин саҳмро байни 743 то 866,5 миллиард доллар бароварда мекунанд. SpaceX, ки фаъолияти худро соли 2002 ҳамчун як ширкати фазоӣ оғоз карда буд, акнун ба яке аз бозигарони аслӣ дар арсаи фанновариҳои мохворӣ ва ҳуши маснуӣ табдил шудааст. Илон Маск (зодаи соли 1971 дар Африқои Ҷанубӣ) соҳибкор ва аз сарватмандтарин афроди ҷаҳон аст, ки бештар ҳамчун мудири ширкатҳои калон, монанди "Тесла", SpaceX ва шабакаи иҷтимоии X (Твиттери пешин) шинохта мешавад.

AP

# ДАРГУЗАШТИ РАИСИ ВМКБ ДАР САДАМАИ НАҚЛИЁТӢ

**Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва муовини Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Алишер Мирзонабот дар натиҷаи садамаи нақлиётӣ, ки субҳи 17-уми июн дар ҳудуди ноҳияи Дарвоз рух дод, ба таври фоҷиавӣ ҳалок гардид.**

Дар ин бора Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар дода, аз номи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба наздикону пайвандони марҳум изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият баён намудааст.

Тибқи маълумоти расмии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳодиса тахминан соати 10:40 дақиқа дар километри 282-юми шоҳроҳи Душанбе - Хоруғ, дар байни деҳаҳои Зиғар ва Яхчисори ноҳияи Дарвоз ба амал омадааст. Бино ба иттилои маркази матбуоти вазорат, автомашинаи хидматии тамғаи «Ланд Крузер-200» бо рақами давлатии 287 ТҶ тахти идораи ронанда Сино Муборакшоев ҳаракат мекард. Дар натиҷаи аз уҳдаи идораи воситаи нақлиёт набаромадан, автомашина ба иншооти муҳандисӣ-сарҳадӣ бархӯрда, ду сутунпоя ва симхорро вайрон намуда, ба дарёи Панҷ сарозер шудааст. Дар хабарномаи расмии ВКД зикр шудааст, ки аз ҷойи ҳодиса рақами давлатии автомашина ва қисмҳои алоҳидаи воситаи нақлиёт дарёфт гардидаанд.

Муайян шудааст, ки дар дохили автомашинаи хидматӣ раиси ВМКБ Алишер Мирзонабот, ёрдамчии ӯ Садоншо Ҷанобилшоев, ҳамсари раиси вилоят ва фарзанди хурдсоли ӯ қарор доштаанд. Дар бораи сарнавишти дигар мусофирони автомашина то лаҳзаи омода шудани ин матлаб маълумоти расмии мукаммал нашр нашудааст.

Пас аз рух додани ҳодиса, бо супориши Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони сохторҳои қудратӣ ва мақомоти дахлдор фавран ба ҷойи ҳодиса сафарбар шуданд. Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ Саймумин Ятимов, раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ Раҷабалӣ Раҳмоналӣ ва дигар масъулони давлатӣ дар маҳали ҳодиса корҳои ҷустуҷӯйиву тафтишотиро роҳандозӣ намуданд.

Тибқи иттилои расмӣ, таҳқиқи қазияи мазкур тахти назорати бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Баъдтар сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалокати Алишер Мирзонаботро расман тасдиқ намуд. Дар паёми ҳамдардӣ таъкид шудааст, ки марҳум аз ҷумлаи кадрҳои соҳибтаҷриба ва содиқ ба давлату миллат ба шумор мерафт ва вазифаҳои хизматии худро ҳамеша бо масъулияти баланд иҷро мекард.

Тибқи маълумоти дастрас, рӯзи 16-уми июн Алишер Мирзонабот дар ҷаласаи навбатии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе иштирок намуда, баъдан ба сӯйи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳаракат кардааст. Ӯ ҳамчунин рӯзи 15-уми май бо гурӯҳи шахсиятҳои намоёни ВМКБ, аз ҷумла ходимони давлатӣ ва ҷамъиятӣ бо мақсади гиромидошти хотираи неку ҷовидонаи фарзонафарзандони миллат ва зиёрати оромгоҳҳои шаҳидони Ватан - Қаҳрамонони Тоҷикистон Нусратулло Махсум ва Шириншо Шотемур, инчунин арбоби барҷастаи сиёсиву фарҳангӣ Нисор Муҳаммад дар Оромгоҳи Лучоби шаҳри Душанбе ҳузур дошт.



*Аҳли қалами ҳафтаномаи “Тоҷикистон” аз марги нобаҳангоми раиси ВМКБ, муовини раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон Мирзонабот Алишер Худобердӣ andӯҳгин буда, ба пайвандони марҳум сабри ҷамил хоҳонем.*



*Алишер Мирзонабот бо аҳли илму фарҳанги Бадахшон дар Оромгоҳи Лучоб, 15-уми июни соли 2026*

## Алишер Мирзонабот

## АЗ МАРЗБОН ТО РАИСИ ВМКБ

**Алишер Мирзонабот 27-уми августи соли 1980 дар ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба дунё омадааст. Пас аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-и ноҳияи Рӯшон соли 1997 ба хизмати ҳарбӣ рафта, солҳои 1998-2000 дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон адои хизмат намудааст.**

Ҳавас ва шавқи касбӣ ӯро ба роҳи хизмати ҳарбӣ ва ҳифзи марзу буми кишвар овард. Соли 2003 Донишкадаи ҳарбии Кумитаи амнияти миллии Ҷумҳурии Қазоқистонро бо ихтисоси идоракунии ҳарбӣ хатм намуд. Баъдан соли 2006 Академияи сарҳадии Хадамоти федералии бехатарии Федератсияи Россия ва соли 2018 Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ ба анҷом расонид. Фаъолияти хизматии ӯ асосан бо Қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистон пайванд дошт. Аз соли 2003 ба ҳайси муовини сардори ситоди отряди сарҳадии ноҳияи Мурғоб фаъолият намуда, минбаъд дар вазифаҳои гуногуни фармондеҳӣ ва ситодӣ кор кард. Ӯ солҳои гуногун дар ноҳияҳои Мурғоб, Спитамен, Конибодом, Панҷ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ вазифаҳои масъули роҳбариро ба уҳда дошт.

Соли 2017 ба вазифаи муовини раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид.

Соли 2018 Алишер Мирзонабот муовини якуми раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин шуд.

24-уми ноябри соли 2020 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси шаҳри Хоруғ таъин шуд.

5-уми ноябри соли 2021 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Алишер Мирзонабот раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин гардид. Ин таъинот дар як давраи ҳассоси таърихи вилоят сурат гирифта буд. Дар солҳои баъдӣ ӯ ба таҳкими суботи ҷамъиятӣ, рушди иқтисодӣ, беҳбуди инфрасохтор, ҷалби сармоягузорӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии сокинони вилоят машғул шуд. Ҳамзамон ӯ ҳамчун намояндаи вилоят дар мақомоти олии қонунгузории кишвар фаъолият мекард. Аз соли 2022 узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, баъдан ба ҳайси муовини Раиси Маҷлиси миллӣ фаъолият намуд. Пас аз интихоботи нави парлумонӣ дар соли 2025 низ ба ин вазифаи баланд интихоб гардид. Алишер Мирзонабот соли 2015 бо медали «Марзбони шуҷои Ватан», соли 2021 бо медали ҷашнии «30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва соли 2022 бо ордени «Шараф» дараҷаи II қадрдонӣ гардидааст. Ӯ соҳиби рутбаи олии ҳарбии генерал-майор буд. Алишер Мирзонабот оиладор ва соҳиби чор фарзанд буд.

# ҚОНУНИ АФВ

## Киҳо аз зиндонҳо озод мешаванд?

**(Аввалаш дар саҳ. 3)**

Барои ҷиноятҳои вазнин мухлати боқимонда аз се як ҳисса ва барои ҷиноятҳои махсусан вазнин аз чор як ҳисса коҳиш дода мешавад.

**КӢ АФВ НАМЕШАВАД?**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи афв» як қатор маҳдудиятҳоро низ пешбинӣ кардааст. Ба гуфтаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Воҳидзода, қонун нисбат ба ҳамаи категорияҳои маҳкумшудагон татбиқ намегардад.

Аз ҷумла, афв ба шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта, ҷиноятҳо бар зидди асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, инчунин ҷиноятҳо бар зидди сулҳу амнияти инсоният маҳкум шудаанд, дахл намекунад.

Ҳамчунин, шахсоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум гардидаанд, инчунин онҳое, ки баъд аз истифодаи афви соли 2021 боз ҷиноятҳои вазнин, махсусан вазнин ё хавфнок содир намудаанд, аз доираи афв берун мемонанд.

Бо вуҷуди ин, қонун нисбат ба баъзе гурӯҳҳои маҳкумшудагон ҳатто дар шароити мавҷуд будани маҳдудиятҳо низ имтиёзҳои муайян пешбинӣ кардааст. Аз ҷумла, барои занон ва ноболиғоне, ки бо сабабҳои дар қонун пешбинишуда аз адои ҷазо пурра озод карда намешаванд, мухлати боқимондаи ҷазои маҳрумият аз озодӣ се сол кам карда мешавад.

Инчунин мухлати адонагардидаи ҷазои баъзе маҳкумшудагон барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, сарфи назар аз маҳдудиятҳои пешбинишуда, аз як то се сол коҳиш дода мешавад.

Яке аз навгониҳои муҳими қонуни нав масъалаи бардоштани доғи судӣ мебошад. Ба гуфтаи Прокурори генералӣ, бори аввал дар таърихи қонунҳои афви Тоҷикистон барои шахсоне, ки то рӯзи қабули қонун ҷиноятҳои начандон вазнин ё дараҷаи миёна содир кардаанд, имконияти бардоштани доғи судӣ пешбинӣ шудааст. Ин меъёр дар қонунҳои қаблӣ вуҷуд надошт.

Дар айни замон, афв шаҳрвандонро аз иҷрои уҳдадориҳои шаҳрвандӣ озод намекунад. Аз ҷумла, шахсони афвшуда аз пардохти товони зарари моддии расонидашуда ва ё дигар ҷазоҳои иловагии таъингардида озод карда намешаванд.

Ба гуфтаи Ҳабибулло Воҳидзода, яке аз хусусиятҳои ҷолиби қонуни нав татбиқи он нисбат ба шахсони дар кофтукоб қарордошта мебошад. Тибқи моддаи 13-и қонун, нисбат ба чунин шахсон афв бе даъват ва ҳатто бе гирифтани ризоияти онҳо татбиқ карда мешавад.

Ба таъкиди Прокурори генералӣ, ин муқаррарот бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва маҳдуд кардани имкониятҳои сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин зикр гардид, ки ба омори расман эълоншудаи беш аз 18 ҳазор нафар афвшаванда дастгиршудагон, гумонбарон, айбдоршавандагон ва шахсоне, ки парвандаҳои онҳо дар марҳилаи тафтиш, таҳқиқ ё баррасии суд қарор доранд, дохил намешаванд. Аз ин рӯ, эҳтимол дорад шумораи умумии шаҳрвандоне, ки аз афв бахраманд мегарданд, дар ҷараёни татбиқи қонун афзоиш ёбад.

**Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, аз ҳисоби татбиқи қонун:**

- *4 ҳазору 263 нафар аз муассисаҳои ислоҳӣ озод мешаванд;*
- *3 ҳазору 50 нафар аз муассисаҳои сукунатӣ раҳо мегарданд;*
- *3 ҳазору 258 нафаре, ки ба ҷазоҳои ба маҳрумият аз озодӣ алоқаманд набуда маҳкум шудаанд, аз иҷрои ҷазо озод карда мешаванд;*
- *734 нафар аз пардохти ҷаримаи таъингардида озод мегарданд;*
- *мухлати адонагардидаи ҷазои 6 ҳазору 733 маҳкумшуда кам карда мешавад.*

Зикр кардан бамаврид аст, ки ин бузургтарин афви солҳои охир дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бори охир соли 2021 ба муносибати 30-солагии Истиқлоли давлатӣ афви сартосарӣ эълон шуда буд, ки беш аз 16 ҳазор гумонбар, айбдоршаванда ва маҳкумшудаaро фаро гирифта буд. Пас аз он 20-уми марти соли 2025 ба муносибати ҷашни Наврӯз ва дар асоси принсипҳои инсондӯстӣ, дастгирии оила ва ҳифзи манфиатҳои кӯдакону наврасон фармони махсус ба имзо расид, ки тибқи он 897 нафар маҳкумшуда барои ҷиноятҳои начандон вазнин, дараҷаи миёна ва вазнин аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ озод шуданд.





# ЛОҲУТӢ ВА ХАСТА

## Хоки ин бузургонро низ бояд ба Ватан орем

**Хабари бо ташаббуси ватандӯстонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ватани аҷдодӣ овардани капсулаҳои Қаҳрамонони миллат Нусратулло Махсуму Шириншоҳ Шоҳтемур ва сиёсатмадор ва маорифпарвари номвар Нисор Муҳаммадро дар рӯзномаи шуҳратёри «Тоҷикистон» хонда, дилам саршори хушнудӣ гардид.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул ва адои эҳтиром намудани ин тадбири таърихиро дар арафаи ду ҷашни бузург - Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба анҷом расонида, ба ҷаҳониён бори дигар исбот намуданд, ки айни ҳол Ҷанобиi Олӣ яке аз сиёсатмадорони хирадманд ва дурандеши сатҳи байналхалқӣ ҳастанд.

Дар ҳамин ҳошия мехостам, ки ин иқдоми начибро давом дода, мушти хоки фарзанди дигари тоҷик Холмуҳаммади Хастаро аз мулки Афғонистон ва шоири инқилобӣ Абулқосим Лоҳутиро, ки ӯ кайҳо фарзанди халқи тоҷик мебошад, ба Ватани хеш оварда, якеро дар зодгоҳаш деҳаи Деҳи Боз ва дуюмиро дар оромгоҳи Лучоб ба хок супоранд.

Ин нуктаро барои он ба қалам дода истодаам, ки дар асари олимон Иброҳим Пирназарзода ва Фаррух Сайдализода бо номи «Кангурт» хотираи Г. М. Адабёрро хондам. Олими афғон бо алам менависад, ки «даҳ сол қабл ё шояд пештар аз он, ки тани нотавони Хаста аз ранҷи зиндагӣ ба дард омада буд, ба ҷон видоъ намуд ва ҷасади ӯро дар таххонаи (беморхонаи) «Ибни Сино» чанд рӯзе ба интизори дӯсте ва ошное гузошта буданд. Аммо кучо дӯст ва ошно! Ҷасади Хаста - фарзонамарди настух ва орифи гаронмояи замон рӯзе, ки ба хок супорида мешуд, чанд соате бе кафан монд ва пас аз он фақирона маросими таҳфин ва тадфинаш ба ҷо шуд, дигарон ва чӣ басе дӯстони ӯ надонистанд, ки мазори ношиносаш дар кучост, чӣ расад ба он, ки аз маргаш бигӯянд ва аз солгарди маргаш».

Ин суханҳои дардманду аламангези адиби афғон моро хушдор медиҳанд, ки ба ташаббуси ватанпарастонаи Пешвои миллат пайравӣ намуда, ҳарчи барвақттар пораи хоки ин ходими давлатӣ, мутафаккир, шоир ва хаттоти машҳури замон - Холмуҳаммади Хастаро аз мазори солеҳони шаҳри Кобул кӯчонида, ба зодгоҳаш Деҳи Бозии Кангурт биёрем ва ба ҷаҳониён бори дигар исбот намоем, ки давлати навини тоҷикон бо сарварии Пешвои оқилу хирадманд ва сиёсатмадори сатҳи байналмилалӣ ҳеҷ гоҳ фарзандони фарзонаи худро фаромӯш нахоҳад кард ва ба кору пайкори онҳо сидқан арҷ мегузорад.

Баъдан, хуб мешуд, ки пораи хоки шоири инқилобӣ Абулқосим Лоҳутиро низ, ки барои адабиёту маънавиёти халқи тоҷик дар паҳлуи сардафтари адабиёти муосири тоҷик Устод Садриддин Айнӣ истода, хизматҳои шоёне кардааст, дар оромгоҳи Лучоб ба хок супорем. Ин ду амали иҷрошаванда бешубҳа дар тарбияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва меҳанпарастии насли оянда миллат нақши боифтихор мебозанд.

**Зариф ҒУЛОМ,**
**адиб**



**Хонандаи синфи 11-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин Мадина Саидализода ғолиби Озмуни ҷумҳуриявии «Хонандаи соли 2025-2026» гардида, соҳиби унвони «Хонандаи сол»-и Тоҷикистон шуд. Маросими ҷамъбасти озмун рӯзи 12-уми июн дар шаҳри Душанбе баргузор гардид.**

# «ХОНАНДАИ СОЛИ 2025-2026» КИСТ?

Мадина Саидализода, ки дар оилаи омӯзгор ба воя расидааст, тавонист миёни намояндагони муассисаҳои бонуфузи таълимӣ, аз ҷумла литсейҳо ва гимназияҳои кишвар мақоми аввалро соҳиб шавад. Барои ин дастовард ӯ бо диплом ва мукофоти пулии 10 ҳазор сомонӣ қадрдонӣ гардид. Ба гуфтаи Мадина, пирӯзӣ дар озмуни мазкур натиҷаи омӯзиши пайваста, мутолиаи китоб ва омодагии ҷиддӣ ба ҳамаи марҳилаҳои озмун мебошад.

Озмуни «Хонандаи сол» имсол бори нахуст дар сатҳи ҷумҳурӣ баргузор шуда, аз чор марҳила иборат буд. Иштирокчиён аз фанҳои гуногун имтиҳон супурда, маҳорати суханварӣ, дониши забонӣ ва ҷаҳонбинии худро низ нишон доданд.

Мадина мегӯяд, ки мехоҳад дар оянда ба риштаи тиб ҳуҷҷат супорад ва баъди хатми донишгоҳ ҳамчун табиби кӯдакон ба зодгоҳаш баргардад ва ба сокинони минтақаҳои дурдаст хизмат расонад. Бояд гуфт, ки дар озмуни ҷумҳуриявии «Хонандаи соли 2025-2026» Меъроҷ Мирзоширинов, хонандаи синфи 10-уми Литсей барои хонандагони болаёқати шаҳри Хоруғ ҷойи дуюм ва Саломат Пардаева, хонандаи синфи 10-уми Мактаби президентии шаҳри Ҳисор ҷойи сеюмро соҳиб шуданд.

**ТОҶИКОНИ МУВАФФАҚ ДАР РУСИЯ**

*Чеҳраҳое, ки миёни ду кишвар пул месозанд*

# ЗАФАР АЗИМОВ – НАМОЯНДАИ НАСЛИ НАВИ САРМОЯГУЗОРОНИ ТОҶИК



**МИЁНИ СОҲИБКОРОНИ ТОҶИКТАБОРЕ, КИ ДАВОМИ ДАҲСОЛАҲОИ ОХИР ДАР ФАЗОИ ИҚТИСОДИИ РУСИЯ МАВҚЕИ НАМОЁН ПАЙДО КАРДААНД, ЗАФАР АЗИМОВ АЗ ҶУМЛАИ ЧЕҲРАҲОИ ШИНОХТА БА ҲИСОБ МЕРАВАД. Ӯ НАМОЯНДАИ НАСЛИ НАВИ СОҲИБКОРОН ВА САРМОЯГУЗОРОНИ ТОҶИК АСТ, КИ ФАЪОЛИЯТИ ХУДРО БАР ПОЯИ ДОНИШҲОИ МУОСИРИ ИҚТИСОДӢ ВА ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БУНЁД КАРДААСТ.**

Зафар Азимов соли 1982 дар шаҳри Хуҷанд ба дунё омадааст. Ӯ фарзанди яке аз шахсиятҳои маъруфи сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон Яҳё Азимов мебошад, ки солҳои гуногун вазифаҳои баландпояи давлатӣ, аз ҷумла мақоми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистонро бар уҳда дошт. Муҳити оилавӣ ва таваҷҷуҳи волидон ба таҳсил имкон дод, ки Зафар аз синни ҷавонӣ ба омӯзиши иқтисод ва идоракунӣ рӯ оварад.

Ӯ ҳанӯз дар синни шонздаҳсолагӣ барои идомаи таҳсил ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико рафт ва дар Донишгоҳи Небраска таҳсил намуд. Ин таҷриба ба ӯ имкон дод, ки бо усулҳои идоракунии ғарбӣ, бозорҳои сармоя ва низоми муосири соҳибкорӣ аз наздик ошно гардад.

Пас аз хатми таҳсил ва бозгашт ба Тоҷикистон ӯ фаъолияти худро дар бахши хусусӣ оғоз намуд. Баъдан ба Москва кӯчид ва ҳамроҳи як гурӯҳ шарикони байналмилалӣ ширкати сармоягузории Zamwell Capital-ро таъсис дод. Ин ширкат ба харидорӣ ва рушди дороиҳои истеҳсолӣ ва саноатӣ дар Русия машғул гардид.

Аз ҷумлаи аввалин лоиҳаҳои муваффақи ӯ сармоягузорӣ ба соҳаи моҳидорӣ ва истеҳсолоти баҳрӣ буд. Баъдан фаъолияти ширкат ба бахшҳои саноатӣ, истеҳсолӣ ва истеъмолӣ густариш ёфт.

Номи Зафар Азимов махсусан пас аз харидорӣ ва рушди ширкати «Инфаприм» маъруф гардид. Ин корхона яке аз бузургтарин истеҳсолкунандагони ғизои кӯдакона, ивазкунандаи шири модар ва маҳсулоти махсуси тиббӣ дар Русия ба ҳисоб меравад. Маҳсулоти он на танҳо дар бозори Русия, балки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, Қафқоз ва як қатор давлатҳои дигар низ истифода мешавад.

Тахти роҳбарии гурӯҳи сармоягузории ӯ ширкат мавқеи худро дар бозор мустаҳкам намуда, ба яке аз истеҳсолкунандагони пешсафи минтақа табдил ёфт. Барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон чунин корхона аҳамияти махсус дорад, зеро масъалаи таъмини кӯдакон бо ғизои босифат аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Зафар Азимов инчунин дар рушди бахши саноати сохтмонӣ иштирок кардааст. Соли 2023 гурӯҳи сармоягузории вобаста ба ӯ дороиҳои истеҳсолии ширкати байналмилалии Holcim-ро дар Русия харидорӣ намуд. Ин корхонаҳо имрӯз бо бренди нави «Цементум» фаъолият мекунанд ва аз ҷумлаи бузургтарин истеҳсолкунандагони семент ва масолеҳи сохтмонӣ дар Федератсияи Русия ба шумор мераванд. Коршиносон ин харидро яке аз муҳимтарин муомилаҳои сармоягузории солҳои охир дар бахши саноати сохтмон арзёбӣ мекунанд. Бо анҷоми ин созиш Зафар Азимов худро ҳамчун яке аз бозигарони ҷиддии бозори саноатии Русия муаррифӣ намуд.

Фаъолияти ӯ танҳо ба Русия маҳдуд намешавад. Азимов дар як қатор кишварҳо лоиҳаҳои сармоягузорӣ дошта, дар бахшҳои истеҳсолот, савдо, молия ва амволи ғайриманкул низ фаъолият мекунад. Ба шарофати шабакаи васеи робитаҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи кор дар бозорҳои гуногун, ӯ ба яке аз соҳибкорони муваффақи тоҷиктабор дар хориҷ табдил ёфтааст.

Моҳи июни соли 2021 Зафар Азимов дар корхонаи колинбофии Қайроққум мизбони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев гардид. Ин боздид аҳамияти рамзӣ дошта, нақши корхонаҳои муштараки истеҳсолиро дар таҳкими ҳамкориҳои иқтисодии минтақа нишон дод.

Имрӯз Зафар Азимов ҳамчун намояндаи насли нави соҳибкорони тоҷик шинохта мешавад. Ӯ фаъолияти худро бар пояи сармоягузорӣ, идоракунии муосир ва рушди истеҳсолот бунёд намуда, дар иқтисоди Русия ва фазои соҳибкории минтақа мавқеи назаррас касб кардааст. Робитаҳои байналмилалӣ, таҷрибаи идоракунӣ ва ҳузур дар соҳаҳои муҳими иқтисодӣ ӯро ба яке аз чеҳраҳои таъсиргузори тоҷиктабор дар хориҷ аз кишвар табдил додаанд.

(Идома дорад)

**Таҳия, тарҷума ва такмили
Шариф Ҳамдампур**



# АМРИКО ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## Шералӣ Кабир ва Серҷио Гор дар мулоқоти “С5+1” чӣ гуфтанд?

**ШЕРАЛӢ КАБИР, ВАЗИРИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУЛОҚОТ БО СЕРҶИО ГОР, ФИРИСТОДАИ МАХСУСИ ПРЕЗИДЕНТИ ИМА ДАР УМУРИ ОСИЁИ ҶАНУБӢ ВА МАРКАЗӢ ГУФТ, КИ АЗ БЕШ АЗ 800 КОНИ МАЪДАНИ ТОҶИКИСТОН ҲОЛО ТАНҲО 100 КОН ИСТИХРОҶ МЕШАВАД.**



Ба иттилои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон, ин мулоқот дар доираи Муколамаи навбатии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ИМА дар қолаби “С5+1” рӯзи 10-уми июн дар шаҳри Остонаи Қазоқистон баргузор шудааст. Дар он аз ҷумла масъалаи истихроҷ ва коркарди маъданҳои муҳим ва қиматбаҳои Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

Шералӣ Кабир гуфтааст, ки дар миёни конҳои кашфшудаи Тоҷикистон захираҳои литий, сурма, мис ва унсурҳои нодир мавҷуданд. Ба гуфтаи ӯ, корҳои геологӣ то ҳол танҳо дар худуди 5 дарсади ин конҳо анҷом ёфтаанд. Аз ин рӯ, барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва роҳандозии тарҳҳои муштарак дар ин самт имкониятҳои зиёд вуҷуд доранд.

Вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон зимни суханронӣ дар муколамаи “С5+1” иқтидори сармоягузорӣ ва саноатии кишварро дар самтҳои энергияи “сабз”, истихроҷ ва коркарди маъданҳои муҳим, инчунин рушди зеҳни сунъӣ муаррифӣ кардааст. Ӯ таъкид намудааст, ки Тоҷикистон омода аст ҳамкориро бо ширкатҳои пешбари байналмилалӣ дар самти коркарди маъданҳои нодир ба роҳ монад.

“Мо на танҳо ба истихроҷи ашёи хом, балки ба ташкили истеҳсолоти муштарак, ҷорӣ намудани технологияҳои нав, омода кардани мутахассисон ва рушди ҳамкориҳои илмӣ низ манфиатдор ҳастем”,- гуфтааст Шералӣ Кабир.

Дар ҳамин ҳол, хабаргузории “Фарғона” менависад, ки Серҷио Гор дар ин ҳамоиш аз нияти Вашингтон барои густариши ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ сухан гуфтааст. Ба гуфтаи ӯ, минтақа ҳамчун маркази муҳими тиҷорати ҷаҳонӣ, пайвастҳои нақлиётӣ ва занҷираҳои устувори таъминот аҳамияти бештар пайдо мекунад.

“Президент Трамп аҳамияти Осиёи Марказиро барои тиҷорати ҷаҳонӣ, пайвастагӣ ва маъданҳои муҳим дарк мекунад”,- гуфтааст Серҷио Гор.

Ба таъкиди намояндаи ИМА, Осиёи Марказӣ муддати тӯлонӣ аз таваҷҷуҳи кофии Амрико бархӯрдор набуд, аммо маъмурияти Доналд Трамп қасд дорад ин равандро тағйир диҳад.

Ҳамчунин, Серҷио Гор зикр кардааст, ки Вашингтон кишварҳои Осиёи Марказиро шарикони умедбахш медонад ва Корпоратсияи молиявии рушди байналмилалии ИМА имкониятҳои сармоягузорӣ дар минтақаро меомӯзад.

Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди маъданҳои нодир мебошад. Бо вуҷуди ин, дар гузоришҳои байналмилалӣ дар бораи захираҳои маъданӣ номи кишвар ҳанӯз камтар зикр мешавад. Коршиносон бар ин назаранд, ки омӯзиши пурраи геологии конҳо, ҷалби сармоя ва роҳандозии коркарди саноатии маъданҳо метавонад Тоҷикистонро ба яке аз бозигарони муҳим дар бозори ашёи стратегӣ табдил диҳад.

ТИҶОРАТ



# РУСИЯ АЗ ТОҶИКИСТОН ЧӢ МЕХАРАД?

**Русия ният дорад хариди ангур, мева ва сабзавоти Тоҷикистонро афзоиш диҳад. Ин масъала дар мулоқоти вазири рушди иқтисоди Русия Максим Решетников бо вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Абдураҳмон Абдураҳмонзода дар ҳошияи Форуми байналмилалии иқтисодии Петербург баррасӣ шудааст.**

Ба иттилои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон, ҷонибҳо дар ин мулоқот масъалаҳои густариши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, афзоиши гардиши мол, тавсеаи номгӯйи маҳсулоти содиротӣ ва беҳтар кардани сифати молҳои тахвилшавандаро баррасӣ кардаанд.

Таваҷҷуҳи махсус ба идомаи татбиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба зиёд намудани ҳаҷми тиҷорати мутақобила байни Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030 равона шудааст. «Дар соли 2025 ва семоҳаи аввали соли ҷорӣ тиҷорати мутақобила тамоюли мусбат нишон медиҳад. Гардиши мол мутаносибан 25% ва 27% афзоиш ёфтааст»,- таъкид кардааст Максим Решетников. Ба гуфтаи ҷониби Русия, имкони васеъ кардани номгӯйи маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣи содиротии Тоҷикистон ба бозори Русия низ баррасӣ шудааст. Ин иқдом аз ҷумла бо истифода аз зарфияти корхонаи муштараки ҶДММ «Тоҷ Рос Экспорт» ва дар доираи иҷрои қарордодҳои ҶСК «Гранд-Трейд» бо ҳафт таъминкунандаи тоҷикистонӣ амалӣ карда мешавад. «Дар соли 2026 мо афзоиши минбаъдаи воридоти маҳсулоти кишоварзӣ аз Тоҷикистон ба Русияро ба андозаи беш аз 10% пешбинӣ мекунем. Ин афзоиш аз ҳисоби тавсеаи номгӯйи маҳсулоти тахвилшаванда сурат хоҳад гирифт»,- гуфтааст роҳбари Вазорати рушди иқтисоди Русия.

Ин дар ҳолест, ки тибқи иттилои Раёсати кишоварзии вилояти Суғд, то 10-уми май аз Тоҷикистон ба Русия ва Қазоқистон дар маҷмӯъ 78 тонна зардолу ва 10 тонна гелос содир шудааст.

Коршиносон мегӯянд, ки афзоиши содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба Русия метавонад барои деҳқонон ва соҳибкорони Тоҷикистон имкониятҳои нав фароҳам созад. Бо вуҷуди ин, барои истифодаи пурраи ин имконият беҳтар кардани бастабандӣ, нигоҳдорӣ, логистика ва мутобиқати маҳсулот ба талаботи бозори Русия муҳим арзёбӣ мешавад.

ГУМРУК

# РАСМИЁТ СОДАТАР МЕШАВАД

**Русия ва Тоҷикистон расмиёти гумрукиро барои афзоиши гардиши тиҷорат сода мекунанд. Ин созиш байни намояндаи тиҷоратии Русия Александр Рибас ва намояндагони ниҳодҳои дахлдори ду кишвар зимни семинаре, ки дар Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон баргузор шуд, ба даст омадааст.**



"Тоҷикистон узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё нест. Аз ин рӯ, татбиқи расмиёти содакардашудаи гумрукӣ барои шарикони тиҷоратии мо муҳим аст",- таъкид кард Рибас дар семинар. Намояндагии тиҷоратии Русия дар Душанбе хабар медиҳад, ки тиҷоратҳо метавонанд ба бозори Русия зудтар, осонтар ва бо хароҷоти камтар ворид шаванд. Иштирокчиёни семинар таъкид карданд, ки ин ҳуҷҷатҳо қисман барои иҷрои дастурҳои президентҳои ду кишвар оид ба афзоиши тиҷорати дуҷониба амалӣ карда мешаванд. Зикр мешавад, ки созишномаҳои имзошуда раванди интиқоли молҳоро байни Русия ва Тоҷикистон ба таври назаррас суръат мебахшанд ва сода мегардонанд, ки ин барои тиҷорати ҳарду кишвар муҳим аст. Инчунин, иштирокчиён мушкилоти воридкунандагон ва содиркунандагони тоҷикро, ки ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ ва интиқоли молҳо бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, баррасӣ ва роҳҳои ҳалро муайян кардаанд.

БОНКДОРӢ

# 10 МЛН ДОЛЛАР БАРОИ СОҲАИ ПАХТА

**Тоҷикистон ва Ширкати исломии байналмилалии маблағгузории тиҷорат дар соҳаи пахта созишномаи 10-миллиондолларӣ имзо карданд.**




Ин санад рӯзи 16-уми июн дар шаҳри Боку Озарбойҷон дар ҳошияи ҷаласаи солонаи Бонки исломии рушд аз ҷониби Ҳоким Холиқзода, муовини сарвазири Тоҷикистон ва Адиб Юсуф, раҳбари Ширкати исломии байналмилалии маблағгузории тиҷорат ба имзо расидааст.

Ҳадафи созишнома густариши дастрасии истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони ватании пахта ба маблағгузории тиҷоратӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии соҳа ва мусоидат ба рушди минбаъдаи маҷмааи агросаноатии Тоҷикистон гуфта мешавад.

Интизор меравад, ки маблағгузории мазкур ба беҳтар шудани имкониятҳои молиявии ширкатҳо ва хоҷагиҳои пахтакор, афзоиши ҳаҷми содирот ва тақвияти мавқеи пахтаи Тоҷикистон дар бозорҳои хориҷӣ мусоидат кунад.

Ҳамчунин, дар доираи мулоқоти ҷонибҳо масъалаҳои густариши ҳамкориҳои дуҷониба, ҷалби маблағгузории исломӣ ба бахшҳои иқтисодӣ ва дастгирии соҳибкорони Тоҷикистон баррасӣ шудаанд.

# ТАНДУРУСТИИ ҶАЙҲУН

## Аз беҳбуди нишондиҳандаҳо то таҳкими заминаи моддию техникӣ







**ТАНДУРУСТӢ ЯКЕ АЗ САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ СИЁСАТИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТ БА ШУМОР МЕРАВАД. ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ ТАҲТИ РОҲБАРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ БА ЯКЕ АЗ БАХШҲОИ БОСУРЪАТ РУШДКУНАНДА ТАБДИЛ ЁФТ. ДАР НОҲИЯИ ҶАЙҲУН НИЗ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ПАНҶ МОҲИ СОЛИ 2026 НИШОН МЕДИҲАНД, КИ ДАР САМТИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТИББӢ, БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ДАСТРАСИИ АҲОЛӢ БА ЁРИИ ТИББӢ ВА ТАҲКИМИ ИҚТИДОРИ КАДРӢ ПЕШРАФТҲОИ НАЗАРРАС БА ДАСТ ОМАДААНД.**

Бино ба иттилои сардухтури Беморхонаи марказии ноҳияи Ҷайҳун Муҳаммадсобир Мирзоев, имрӯз ба беш аз 170 ҳазор нафар аҳолии ноҳия шабакаи васеи муассисаҳои тиббӣ хизмат мерасонанд. Дар ноҳия 71 муассисаи тандурустӣ фаъолият дошта, онҳо дорои 460 катанд. Ба ин шумора беморхонаи марказӣ, беморхонаи рақами 1, беморхонаи бемориҳои сил, беморхонаҳои минтақавӣ, марказҳои саломатӣ, бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои махсусгардонидашуда шомиланд. Имрӯз аҳолии ноҳия аз хизматрасонии беморхонаҳо, марказҳои саломатӣ ва муассисаҳои махсусгардонидашуда истифода мебаранд. Мавҷудияти 42 бунгоҳи саломатӣ дар деҳот имконият фароҳам овардааст, ки сокинон дар маҳали зисти худ аз муоина ва машварати тиббӣ баҳра бардоранд.

### АФЗОИШИ ШУМОРАИ КОРМАНДОНИ ТИБ

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими рушди соҳа зиёд гардидани шумораи кормандони тиб мебошад. Агар дар панҷ моҳи соли 2025 дар муассисаҳои тандурустии ноҳия 1361 нафар фаъолият мекарданд, пас ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли 2026 ба 1496 нафар расидааст. Яъне шумораи умумии кормандони тиб 135 нафар зиёд шудааст. Шумораи духтурон аз 145 нафар ба 163 нафар расидааст. Ин нишон медиҳад, ки масъалаи ҷалби мутахассисони баландихтисос тадриҷан ҳал гардида истодааст.

Ҳамзамон, шумораи кормандони миёнаи тиббӣ аз 671 нафар ба 735 нафар афзудааст. Кормандони хурди тиббӣ низ аз 330 нафар ба 354 нафар расидаанд.

Имрӯз таъминоти ноҳия бо духтурон ба ҳар 10 ҳазор аҳолӣ 9,5 нафар ва бо кормандони миёнаи тиббӣ ба 42,6 нафар баробар мебошад. Нишондиҳандаи дигар сатҳи касбияти кормандон аст. Дар ноҳия 268 нафар кормандн тиб дорои дараҷаи тахассусӣ мебошанд. Аз ҷумла, 63 нафар духтур ва 205 нафар корманди миёнаи тиббӣ дорои дараҷаҳои касбӣ мебошанд.

### АФЗОИШИ МАБЛАҒГУЗОРӢ

Рушди соҳа бидуни маблағгузории кофӣ ғайриимкон аст. Тибқи маълумоти расмӣ, маблағгузории соҳаи тандурустии ноҳияи Ҷайҳун дар панҷ моҳи соли 2026 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта афзоиш ёфтааст. Агар соли 2025 барои соҳа 6 миллиону 835 ҳазору 618 сомонӣ пешбинӣ шуда бошад, соли 2026 ин нишондиҳанда ба 7 миллиону 858 ҳазору 335 сомонӣ расидааст. Иҷроиши нақша низ беҳтар гардида, аз 99 фоиз ба 99,7 фоиз расидааст.

Ин афзоиш имкон медиҳад, ки муассисаҳои тиббӣ бо таҷҳизот таъмин шуда, шароити хизматрасонӣ беҳтар гардад.

### АФЗОИШИ ТАВАЛЛУД

Таҳлили нишондиҳандаҳои демографӣ нишон медиҳад, ки дар ноҳия афзоиши табиии аҳолӣ нигоҳ дошта мешавад.



Дар панҷ моҳи соли 2025 дар ноҳия 1649 ҳолати таваллуд ба қайд гирифта шуда буд. Ин нишондиҳанда дар соли 2026 ба 1757 нафар расидааст. Яъне шумораи таваллуд 108 нафар зиёд шудааст. Ҷолиб он аст, ки беш аз 99 фоизи таваллудҳо дар муассисаҳои тиббӣ сурат гирифтаанд. Агар соли 2025 танҳо 13 ҳолати таваллуд дар хона ба қайд гирифта шуда бошад, соли 2026 ин рақам 15 ҳолатро ташкил додааст. Ин нишон медиҳад, ки эътимоди аҳолӣ ба муассисаҳои тиббӣ афзоиш ёфтааст.

### КОҲИШИ ФАВТ

Яке аз дигаргуниҳои назарраси соҳа коҳиш ёфтани фавти умумӣ мебошад. Дар панҷ моҳи соли 2025 дар ноҳия 153 ҳолати фавт ба қайд гирифта шуда буд. Дар ҳамин давраи соли 2026 шумораи фавт ба 126 ҳолат коҳиш ёфтааст. Коҳиши фавт дар шароити афзоиши аҳолӣ нишон медиҳад, ки сатҳи хизматрасонии тиббӣ беҳтар гардида, дастрасии аҳолӣ ба табобат бештар шудааст.

### БЕҲТАР ШУДАНИ ВАЗЪИ МОДАРУ КӮДАК

Яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти муассисаҳои тандурустии ноҳияи Ҷайҳун ҳифзи саломатии модару кӯдак мебошад. Дар ноҳия шумораи занони қобили таваллуд аз 39 ҳазору 752 нафар дар соли 2025 ба 40 ҳазору 497 нафар дар соли 2026 расидааст. Ҳамзамон, шумораи истифодабарандагони воситаҳои контрасептивӣ аз 17 ҳазору 366 нафар ба 18 ҳазору 179 нафар афзоиш ёфтааст. Ин нишон медиҳад, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ ва баланд бардоштани фарҳанги тиббии аҳолӣ натиҷаи мусбат медиҳад. Нишондиҳандаи муҳими дигар афзоиши шумораи занони ҳомилаест, ки то 12 ҳафтаи аввали ҳомилагӣ ба қайди тиббӣ гирифта мешаванд. Агар соли 2025 чунин занон 1608 нафар буданд, соли 2026 шумораи онҳо ба 1862 нафар расидааст. Ин маънои онро дорад, ки занон бештар ба саломатии худ аҳамият медиҳанд ва таҳти назорати табибон қарор мегиранд.

Ҳамзамон, шумораи занони гирифтори камхунӣ аз 1231 нафар ба 1024 нафар коҳиш ёфтааст, ки ин низ аз беҳтар шудани назорати тиббӣ шаҳодат медиҳад.

### ПЕШРАФТ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ЁРИИ ТАЪҶИЛӢ

Ёрии таъҷилӣ яке аз бахшҳои муҳими низоми тандурустӣ мебошад. Имрӯз дар ноҳияи Ҷайҳун 7 мошини ёрии таъҷилӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонанд. Дар панҷ моҳи соли 2026 шумораи даъватҳо ба 1880 адад расидааст, ки нисбат ба соли гузашта каме зиёд мебошад. Аз ин шумора 1809 ҳолат бо иштироки мошинҳои ёрии таъҷилӣ хизматрасонӣ шудааст. Ин нишон медиҳад, ки хизматрасонии фаврии тиббӣ барои аҳолӣ дастрас буда, дар ҳолатҳои зарурӣ сари вақт ба шаҳрвандон кумак расонида мешавад.

### АФЗОИШИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СТАТСИОНАРӢ

Таҳлили фаъолияти беморхонаҳо нишон медиҳад, ки дар соли 2026 шумораи беморони бистаришуда афзоиш ёфтааст. Агар дар панҷ моҳи соли 2025 дар муассисаҳои статсионарӣ 3914 нафар табобат гирифта бошанд, ин нишондиҳанда дар соли 2026 ба 4596 нафар расидааст. Ҳамзамон, иҷроиши кат/рӯз аз 39 фоиз ба 47,5 фоиз баланд шудааст. Ин нишон медиҳад, ки муассисаҳои тиббӣ бештар истифода мешаванд ва аҳолӣ барои хизматрасонии статсионарӣ муроҷиат менамоянд. Дар самти ҷарроҳӣ низ пешрафт ба назар мерасад. Дар панҷ моҳи соли 2025 ҳамагӣ 514 амалиёти ҷарроҳӣ гузаронида шуда бошад, дар ҳамин давраи соли 2026 шумораи онҳо ба 671 расидааст. Афзоиши 157 амалиёт аз беҳтар шудани имкониятҳои табобатӣ шаҳодат медиҳад. Ба гуфтаи сардухтури Беморхонаи марказии ноҳияи Ҷайҳун Муҳаммадсобир Мирзоев, таҳлили нишондиҳандаҳои панҷ моҳи солҳои 2025 ва 2026 нишон медиҳад, ки соҳаи тандурустии ноҳия дар масири рушд қарор дорад. Афзоиши шумораи кормандони тиб, беҳтар шудани вазъи демографӣ, коҳиши бемориҳои сироятӣ, густариши хизматрасониҳои статсионарӣ ва баланд шудани сатҳи дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии тиббӣ аз муҳимтарин дастовардҳои соҳа ба шумор мераванд.

- Бо идомаи татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат, дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми кормандони соҳаи тандурустӣ метавон интизор буд, ки дар солҳои оянда низ сатҳу сифати хизматрасониҳои тиббӣ дар ноҳияи Ҷайҳун боз ҳам беҳтар гардида, саломатии аҳолӣ бештар ҳифз хоҳад шуд. Зеро, чунонки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, сарвати асосии давлат инсон ва саломатии ӯ мебошад,- афзуд ӯ.

**Машраби АЛОВИДДИН**

# МЕҲМОНРО ПАЛОВ НЕ, АЛОВ БИДЕҲ!

**Росташро гӯям, шунидани андарз, мақол, зарбулмасалҳо, чистонҳоро хеле дӯст медорам. Агар боз нав шунида бошам. Модарам ҳамагӣ 61 сол умр диданд. Вале солҳои дар якҷоягӣ буданамон доимо аз забонашон панду андарзу мақолу зарбулмасал, чистон, рубоию шеър мешунидам. Ягон гапашро бе масал сар намекард.**

Аз ҳама бештар зарбулмасали «Гунҷишкбача очаашро ҷив-ҷив нишон медиҳад»-ро такрор мекарданд. Ин ба масали «Хурди калонкор» хеле шабоҳат дорад. Дигар масали модар ин буд: «Беэзор ба почаканда хандидааст». Яъне ҳеҷ гоҳ шахси нодору ҳақиру камбағал ё бефаҳму бесаводро паст задан аз рӯйи имону инсоф, адолату ақли солим нест.

Ба қарибӣ дар нишасти матбуотӣ дар ноҳияи Балҷувон будам. Бо марди зиёие, ки синну солаш ба домани 90 расидааст хушсуханy шеърдон, масалдону ҳозирҷавоб аст, бо амаки Гулмаҳмад ҳамсуҳбат шудам. Ин марди шариф сари ҳар суханаш шеъри пандомезе ё зарбулмасале мегуфт. Дар рафти суҳбат яке ин масалро ба забон овард: «Меҳмонро палов надеҳ, гармӣ бидеҳ». Росташ онро якумин бор дар умри 70-солаам шунидам. Зуд онро навишта гирифтам.

Ҳамин чизро дарк кардам, ки муҳити оила, агар дар он шеъру масал, панду насиҳатгӯӣ, чистону афсонагӯӣ бошад, дар тарбияи маънавиёти фарзандон таъсир, фоида, бартариҳои зиёд дорад. Фарзандони амаки Гулмаҳмад ҳама соҳиби маълумоти олию соҳибмансабу дорои оилаҳои намунавианд.

**Нурулло ҲАСАНОВ,**
**н. Муъминобод**



# ЁДИ ФАЙЛАСУФ ВА СИЁСАТШИНОС ИБРОН ШАРИПОВ

**Дар Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба ҳаёт, фаъолияти илмӣ ва мероси фалсафию сиёсии донишманди маъруфи тоҷик Иброн Шарипов баргузор гардид.**

Ҳамоишро ноиби президенти АМИТ Муҳаммаддовуд Саломиён ифтитоҳ намуда, нақши олимони миллӣ дар рушди тафаккури илмӣ, таҳкими худшиносии миллӣ ва пешбурди таҳқиқоти фалсафиро муҳим арзёбӣ кард. Сипас директори Институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ Нозим Маҳмадизода оид ба аҳамияти омӯзиши осори мутафаккирони ватанӣ ва нақши онҳо дар ташаккули мактаби миллии фалсафа сухан гуфт. Дар қисми илмии ҳамоиш олимони шинохта, аз қабили Шоназар Шоисматуллоев, Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз, Идибек Зиёев, Насиба Содиқӣ, Бобоҷон Самиев доир ба паҳлуҳои гуногуни рӯзгору осори Иброн Шарипов суханронӣ намуданд.

Ёдовар мешавем, ки Иброн Шарипов (1931-2013) аз зумраи файласуфон ва сиёсатшиносони барҷастаи Тоҷикистон ба шумор меравад. Ӯ доктори илмҳои фалсафа, профессор ва муаллифи зиёда аз 300 асару мақолаи илмӣ буда, таҳқиқоти худро ба масъалаҳои давлатдории миллӣ, худшиносии миллӣ ва рушди ҷомеаи тоҷик бахшидааст. Китоби машҳури ӯ «Ташаккули давлатдории тоҷикон» аз муҳимтарин осори илмии даврони соҳибистиқлолӣ маҳсуб мешавад. Фарзанди Иброн Шарипов марҳум Суҳроб Шарипов низ яке аз сиёсатшиносони номвари кишвар ва раиси Маркази тадқиқоти стратегии Тоҷикистон буд.



# ОДИНА ҲОШИМ – НОБИҒАИ АСР

**Одина Ҳошим дар фарҳанги тоҷик падидаи бемисл аст. Садои ӯ рамзи як давра, таҷассумгари суннатҳои мардумӣ ва оинаи рӯҳу эҳсоси миллат мебошад. Ӯ аз ҷумлаи ҳунармандонест, ки овозаш ба хотираи фарҳангии миллат табдил ёфта, номи ӯ ба рушди мусиқии мардумӣ, арзишҳои фарҳангии тоҷикон пайванд меҳӯрад. Ҳамин аст, ки санъатшиносон Аслиддин Низомӣ ва Сайдулло Убайдуллоев ӯро “Нобиғаи аср” номидаанд.**



«Нобиғаи аср» маҷмӯаест, ки фарогири очерки тарҷумаи ҳол, таҳқиқи осор ва маҷмуаи нотаҳои 80 суруди устод Одина Ҳошим мебошад. Ҳамчунин маълумотномаи библиографӣ ва аксҳои хотиравии хунёгари бузург низ ба китоб илова шудааст. Маҷмӯа аз 443 саҳифа иборат буда, аз ҷониби Шуъбаи санъатшиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон чоп шудааст. Ин китоби арзишманд зимни як ҳамоиши бошукӯҳ рӯзи 17-уми июн бо иштироки пажӯҳишгарон, аҳли илму адаб, ҳунармандон, хонаводаи устод Одина Ҳошим ва алоқамандони эҷодиёти ӯ дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон рӯнамоӣ гардид.

Президенти АМИТ, академик Қобилҷон Хушвахтзода дар сарсухани хеш Одина Ҳошимро ҳамчун падидаи фарҳангӣ муаррифӣ мекунад, ки тавонистааст суруди мардумиро ба сатҳи арзишҳои бузурги миллӣ барорад.

Дар идома, рисолаи “Нобиғаи аср”-и санъатшиноси маъруф, мудири Шуъбаи санъатшиносии АМИТ, профессор Аслиддин Низомӣ, ки фарогири зинаҳои камолот ва таҳқиқи маҳсули эҷоди устоди ҳунар Одина Ҳошим аст, манзури хонанда гардидааст. Муаллиф кӯшиш мекунад, ки моҳияти ҳунари Одина Ҳошимро ба хонанда шиносонад. Ҳамчунин, муаллиф дар мавриди нақши Одина Ҳошим дар рушди санъати тоҷик, тарбияи шогирдон, хислатҳои неки инсонӣ ва маҳбубияти ӯ дар байни мардум низ андешаҳои ҷолиб баён кардааст.

Дар ҳамин қисми аввал андешаҳои аҳли адабу фарҳанг, аз ҷумла Муҳаммад Осимӣ, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Муъмин Қаноат, Кутбӣ Киром, Холмаҳмад Маҷид, Саидалӣ Маъмур, Абдулмаҷид Достиев, Сорбон, Ҷонон Икромӣ ва дигарон низ дар мавриди Одина Ҳошим оварда шудааст, ки ин устоди ҳунарро ҳамчун шахсияти бисёрҷанба муаррифӣ мекунанд.

Қисми дуюми китоб намунаҳо аз оҳангҳои эҷоднамудаи Одина Ҳошим аст. Ҳунарманди шинохта, навозанда ва бастакор, мусиқишинос Сайдулло Убайдуллоев намунаи 80 суруди ин ҳунарманди бузургро ба нота гирифтааст, ки хизмати шоиста ва ибтикори муҳим дар тарғиби осори устоди ҳунар Одина Ҳошим мебошад. Ин бахши китобро метавон яке аз арзишмандтарин бахшҳои асар донист. Зеро дар фарҳанги мусиқии мо бисёр сурудҳо ва оҳангҳо солҳои дароз ба шакли шифоҳӣ ҳифз мешуданд. Онҳо аз устод ба шогирд мегузаштанд. Аз ҷумла осори устод Одина Ҳошим хеле кам ба нота гирифта шудааст. Ба нота даровардани оҳангҳо маънои онро дорад, ки як бахши муҳими мероси устод барои наслҳои оянда дар шакли устувор нигоҳ дошта мешавад. Аз ин ба баъд аз ин ганҷи шоёон метавонанд омӯзгорон, донишҷӯёни соҳаи мусиқӣ, муҳаққиқон, сарояндагони ҷавон ва навозандагон истифода кунанд.

Вақте хонанда китоби мазкурро ба даст мегирад, суоле дар зеҳнаш пайдо мешавад: Чаро Одина Ҳошим нобиғаи аср аст?

Мутолиаи китоб ба хонанда посухи ин суолро медиҳад. Посухи ин суолро на танҳо дар овози Одина Ҳошим, балки дар таъсири ӯ ба фарҳанги тоҷик бояд ҷуст. Нобиға касест, ки аз ҳудуди маҳорати шахсӣ берун меравад ва ба як мактаб, як падида ва як меъёри фарҳангӣ табдил меёбад. Одина Ҳошим маҳз чунин ҳунарманд буд. Ӯ овози табиӣ, самимият, дарки баланди шеър, эҳтиром ба матн ва қобилияти нодири расонидани маънӣро дошт.

Яке аз вижагиҳои бузурги ҳунари Одина Ҳошим муносибати ӯ бо шеър аст, махсусан ба шеъри классикӣ. Ӯ шеърро агар дарк намекард, намехонд, балки онро эҳсос мекард, мефаҳмид ва ба шунаванда мерасонид. Одина Ҳошим яке аз беҳтарин мубаллиғони шеъри классикӣ дар асри XX буд. Ин хусусият барои мусиқии тоҷик бисёр муҳим аст, зеро мусиқии мо ҳамеша маҳсули пайванди каломи баланд ва оҳанги пуртаъсир аст. Одина Ҳошим ин пайвандро бо маҳорати фавқулода нигоҳ дошт. Ӯ тавонист дар замоне, ки мусиқии Шӯравӣ ва мусиқии Ғарб ба рӯзгори мардуми мо ворид гардида буд, асолати мусиқии миллии тоҷикиро нигоҳ дорад, ашъори классикиро ба гӯши мардум расонад, зери таъсири ашъори классикӣ сурудҳои мардумӣ эҷод кунад.

Аслиддин Низомов таъкид мекунад, ки саҳми Одина Ҳошим дар рушди санъати тоҷик пеш аз ҳама дар зинда нигоҳ доштани мусиқии мардумӣ ва фалак ифода меёбад. Ӯ ба ин навъи мусиқӣ на ҳамчун осори қадимӣ, балки ҳамчун нерӯи зиндаи фарҳангӣ муносибат мекард. Дар иҷрои ӯ суруди мардумӣ ранги тоза мегирифт, аммо асолати худро гум намекард. Ӯ анъанаро эҳтиром мекард, вале дар доираи тақлид маҳдуд намемонд. Ҳамин аст, ки ӯ дар ташаккули завқи мусиқии мардум низ хизмати бузурге анҷом додааст. Дар маҷмуъ, «Нобиғаи аср» як падидаи фарҳангӣ ва кори мондагор дар шинохти устоди ҳунар, Ҳофизи халқии Тоҷикистон Одина Ҳошим аст.

**Одил НОЗИР**

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ



## МЕЪМОРИ ОН КИСТ?

**Дар оғози соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нокомиҳо рӯ ба рӯ шуд, зеро ҳодисаҳои нангин, ба мисли тафриқаандозӣ, маҳалгароӣ ва майдоншиниҳое, ки дар пояи маҳалҳо ташкил шуда буданд, оқибат ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расониданд. Мардуми тоҷик чун як селаи бесарвари парандагон, ки ба он бози шикорӣ ҳуҷум овардааст, ба ҳар тараф парешон шуданд.**

Аз ин рӯ, Ваҳдати миллӣ дар таърихи навини давлатдории миллати тоҷик бозёфти арзишмандтарин мебошад, зеро он барои амалӣ гардидани ормонҳои халқамон, ки бо қалби пур аз умед интизори сулҳу оромӣ ва дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ буданд, заминаи воқеӣ гузошт.

Агар аз таърихи Ваҳдати тоҷикон ёд кунем, медонем, ки дар чунин вазъияти басо сангин моҳи ноябри соли 1992 Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор гардид. Дар ин иҷлосияи таърихӣ вакилони мардумӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Шурои Олӣ интихоб намуданд. Раиси тозаинтихоб ба халқи тоҷик муроҷиат намуда, бо қатъият чунин изҳор карда буд: «То даме ки силоҳро нагузорему сулҳу оромиро дар сарзамини худ барқарор насозем ва ба меҳнати созанда шуруъ накунем, ҳеҷ гуна кумаку мусоидатҳои кишварҳои дигар вазъияти моро беҳтар карда наметавонад. То охирин гурезаҳои иҷбориро ба ватан барнагардонам, худро орому осуда ҳис карда наметавонам».

8-уми декабри соли 1992 Пешвои миллат барои гирифтани пеши роҳи ҷанги бародаркуш қадами аввалини худро гузошт, ки ин муроҷиатномаи ӯ ба халқи тоҷик буд. Дар он аз ҷумла омадааст: «Халқи мо имрӯз душвортарин ва фоҷианоктарин давраи таърихиро аз сар гузаронида истодааст... Мо, ки ворисони Рӯдакию Сино, Сомонӣ, Ҳофизу Хайём, Ҷалолиддини Балхӣ, Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров ҳастем, бо ақлу заковати хеш бояд бо сабру таҳаммул бошем ва нагузорем, ки фарзанд ё бародари мо даст ба ҷиноят занад».

Чун намунаи олии ватанпарастӣ ва азхудгузаштагӣ, Сарвари давлат ҷони худро дар хатар гузошта, барои баргардонидани гурезагони иҷборӣ ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон сафар намуда, ҳамватанонамонро бовар кунонид, ки ба Ватан баргарданд. Бо талошҳои пайвастаи Сарвари давлат музокироти сулҳи тоҷикон оғоз гардид. Ҷаноби Олӣ зимни вохӯриҳо бо мухолифон такрор ба такрор мегуфт, ки агар мо ба сари мақсад наоем, миллат нест мешавад, Тоҷикистон ба порчаҳо тақсим мешавад ва наслҳои оянда мову шуморо намебахшанд.

Дар ниҳояти кор гуфтушунидҳо бо мухолифон дар Афғонистон, Эрон, Русия ва Покистон натиҷаи дилхоҳ доданд. Дар натиҷаи гуфтушунидҳои тӯлонӣ 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Маскав Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Маҳз сиёсати оқилона, дурандешӣ, садоқат ва сулҳхоҳии Пешвои миллат боис шуд, ки моҷароҷӯӣ ва нофаҳмиҳо дар кишварамон хомӯш гардида, суботу амният ва сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ таъмин шавад.

**Дилшод ҲАКИМЗОДА,**
**муовини раиси Суди ноҳияи Шоҳмансур**

## АРЗИШИ МУҚАДДАС ВА ГАРОНБАҲО

**Яке аз дастовардҳои беназири солҳои соҳибистиқлолӣ ваҳдати миллӣ мебошад. Он барои миллати тоҷик танҳо як истилоҳи сиёсӣ ё санаи тақвимӣ нест, ин падидаест, ки аз умқи таърихи соҳибистиқлолии мо сарчашма гирифта, ҳамчун наҷотбахши миллат зуҳур кард.**

Сиёсати дурбинона ва оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ бо роҳи музокира ва мусолиҳа бартараф гардид. Аз моҳи апрели соли 1994 то июни соли 1997 музокираҳои байни тоҷикон баргузор гардида, 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Пас аз солҳои душвори низоъ маҳз ваҳдат тавонист кишварро ба роҳи сулҳу оромӣ ҳидоят намояд.

Таҳлили таърихӣ нишон медиҳад, ки дар барқароркунии сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун меъмори сулҳ калидӣ аст. Шиори «Ман ба шумо сулҳ меорам!» на танҳо як ваъда буд, балки ба барномаи стратегии наҷоти миллат табдил ёфт.

Тибқи сарчашмаҳои иттилоотӣ, дар ҳудуди Афғонистон бештар аз 90 ҳазор нафар гуреза шуда буданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз зимни баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ таъкид карда буданд, ки «ман то вақте ки як нафар гуреза дар хориҷа мемонад, худро ором ҳис намекунам». Маҳз бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат ин масъала дар муддати кӯтоҳ ҳалли худро пайдо намуд ва раванди сарҷамъ намудани миллати тоҷик зери ливои истиқлол ва ваҳдати миллӣ тантана кард.

Таҷрибаи нодири сулҳи тоҷикон аз ҷониби Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Кофи Аннан ҳамчун модели муассири ҳалли низоъҳои дохилидавлатӣ ба давлатҳои дигар тавсия карда шуд.

Бо вуҷуди аҳамияти бузург, ваҳдати миллӣ ҳамеша ниёз ба ҳифз ва таҳким дорад. Тағйироти ҷаҳонӣ, таъсири омилҳои сиёсии беруна ва мушкилоти иқтисодӣ метавонанд ба ин раванд таъсир расонанд. Аз ин рӯ, давлат ва ҷомеа бояд пайваста барои нигоҳ доштани фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамбастагӣ тавассути маориф, фарҳанг, васоити ахбори омма ва барномаҳои иҷтимоӣ чораҳо андешанд.

Бе сулҳу ваҳдат ягон давлат наметавонад рушд кунад. Танҳо дар фазои ором корхонаҳо сохта мешаванд, роҳҳо бунёд мегарданд ва сармоягузорони хориҷӣ ба кишвар меоянд. Ваҳдат ҳамчунин имкон дод, ки мо дубора ба решаҳои таърихии худ баргардем, ҷашнҳои миллиро бо шукӯҳ таҷлил кунем ва забони модарии худро ҳифз намоем.

Имзои Созишномаи истиқрори сулҳ исбот кард, ки миллати тоҷик дорои захираи бузурги маънавӣ ва хиради азалӣ аст. Самараи ин ҳуҷҷати таърихӣ муттаҳид шудани мардум ва бозгашти ҳазорон гуреза ба Ватан гардид. Рушди илму фарҳанг дар замони соҳибистиқлолӣ ва ваҳдати миллӣ низ нишон медиҳад, ки миллат дубора ба шинохти аслу насаби худ рӯ овардааст.

Ҳамаи мо шоҳиди он ҳастем, ки имрӯз Тоҷикистони биҳиштосо зери роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат бо қадамҳои устувор пеш меравад. Бунёди нерӯгоҳҳо, нақбҳо, мактабҳои муосир ва иншооти соҳаи тандурустӣ ҳама аз баракати ваҳдат аст. Ваҳдати миллӣ имкон медиҳад, ки қишрҳои гуногуни ҷомеа новобаста аз миллат, дин ё ақида дар доираи як ҳадафи умумӣ муттаҳид шаванд.

Имрӯз душманони миллат кӯшиш доранд тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ байни мардум нифоқ андозанд. Дар чунин шароит танҳо ҷомеаи муттаҳид метавонад дар баробари ғояҳои бегона ва ифротӣ истодагарӣ кунад.

Ваҳдати миллӣ барои Тоҷикистон на танҳо як дастоварди гузашта, балки як раванди доимии созандагист.

Ваҳдат - ин имон ба ояндаи дурахшон аст.

Ваҳдат - ин масъулият дар баробари гузаштагон ва наслҳои оянда аст.

Ваҳдат - ин ягона нишонаи бақо ва ҳастии тоҷикон дар харитаи сиёсии ҷаҳон аст.

Аз ин рӯ, дар иттиҳод қувват ва дар ваҳдат саодати миллат ниҳон аст. Мо бояд аз ҳамаи имкониятҳо самаранок истифода бурда, барои боз ҳам ободу зебо шудани Тоҷикистони азиз саҳм гузорем.

**Ҳикматулло ХОҶАЕВ,**
**номзади илмҳои сиёсӣ**

# ФИРОР АЗ ГАРМӢ

## Чӣ тавр аз нури офтоб эҳтиёт шавем?

**ГАРМӢ ОҒОЗ ШУД. ТАБИБОН ҲУШДОР МЕДИҲАНД, КИ ҲАРОРАТИ БАЛАНД МЕТАВОНАД БА САЛОМАТИИ ИНСОН ТАЪСИРИ ҶИДДӢ РАСОНАД, БАХУСУС БА КӮДАКОН, ПИРОНСОЛОН ВА НАФАРОНЕ, КИ АЗ БЕМОРИҲОИ ГУНОГУНИ МУЗМИН РАНҶ МЕБАРАНД.**



Ба гурӯҳи осебпазир пеш аз ҳама кӯдакони аз 1 то 5-сола, пиронсолон ва шахсони гирифтори бемориҳои дилу рагҳо, фишорбаландӣ, астма, аллергия ва бемориҳои меъдаву рӯда дохил мешаванд. Дар чунин рӯзҳо ҳолати онҳо метавонад бадтар гардида, бемориҳои музмин хуруҷ кунанд.

Ҳамчунин, шумораи ҳолатҳои офтобзанӣ низ меафзояд.

Барои эмин мондан аз таъсири манфии гармӣ пеш аз ҳама бояд оби кофӣ нӯшид. Дар рӯзҳои гарм организм миқдори зиёди моеъро тавассути арақкунӣ аз даст медиҳад. Аз ин рӯ, истеъмоли оби тоза, чойи лимӯ ва дигар нӯшобаҳои сабук муфид аст. Баръакс, нӯшокиҳои газнок ташнагиро бештар карда, барои организм фоидаи кам доранд.

Мутахассисон тавсия медиҳанд, ки мардум дар соатҳои аз ҳама гарм, аз нисфирӯзӣ то бегоҳ то ҳадди имкон дар ҷойҳои соя ва салқин бошанд.

Истифодаи чатрҳои тобистона, кӯлоҳ ва либосҳои сабуки аз матоъҳои табиӣ дӯхташуда низ ба коҳиш додани таъсири гармӣ мусоидат мекунад. Зуд-зуд бо оби ширгарм шустани бадан ва ҳавотозакунии хона низ муфид аст.

Кӯдакон, пиронсолон ва беморон бояд бе зарурат аз хона набароянд. Агар зарурати берун рафтан пеш ояд, беҳтар аст ин кор субҳи барвақт ё бегоҳ анҷом дода шавад, вақте ки гармии ҳаво камтар аст.

Дар ҳолати офтобзанӣ шахсро фавран ба ҷойи салқин интиқол додан лозим аст. Ба ӯ бояд об ё дигар нӯшобаҳои муносиб дода шавад ва сару рӯяшро бо оби на он қадар хунук тар кард. Аз баски дар натиҷаи арақкунӣ организм миқдори зиёди намакҳо ва моддаҳои заруриро аз даст медиҳад, нӯшидани моеъҳои кофӣ аҳамияти калон дорад.

Ба шахсони гирифтори бемориҳои дил ва фишорбаландӣ тавсия дода мешавад, ки ҳангоми аз хона берун шудан ҳатман доруҳои таъинкардаи табибро ҳамроҳ дошта бошанд. Ҳамчунин, бо худ гирифтани оби бегаз ва худдорӣ аз фаъолияти зиёди ҷисмонӣ дар ҳавои гарм муҳим аст.

Гармии аз ҳад зиёд метавонад дар кӯдакон боиси шикамравӣ ва беобшавии организм гардад. Дар чунин ҳолатҳо истифодаи маҳлулҳои барқароркунандаи намаку об хеле муҳим аст. Агар чунин воситаҳо дастрас набошанд, метавон дар як литр об чор қошуқча намак, як қошуқча шакар ва чоряк қошуқча сода омехта карда, ба кӯдак кам-кам нӯшонид.

Ин маҳлул то расидани кумаки тиббӣ метавонад ба пешгирии беобшавии организм мусоидат намояд.

Гармӣ падидаи муваққатист, аммо беэътиноӣ ба қоидаҳои одии бехатарӣ метавонад ба саломатӣ зарари ҷиддӣ расонад. Аз ин рӯ, дар рӯзҳои тафсон бештар об нӯшида, дар ҷойҳои салқин қарор гиред ва ба саломатии худу наздикон диққати ҷиддӣ диҳед.

## 10 МАНФИАТИ ШАРБАТИ ПОМИДОР

**ФЕЪЛАН ПОМИДОРИ ТАРУ ТОЗА ДАР БОЗОР ЗИЁД АСТ. ШУМО МЕТАВОНЕД АЗ ПОМИДОР ШАРБАТ (СОК) ОМОДА КАРДА, НӮШИ ҶОН КУНЕД. ЗЕРО ОН ҲАМ БА САЛОМАТӢ ФОИДА ДОРАД, ҲАМ ТАШНАГИШИКАН АСТ.**

**Ин ҷо чанд манфиати шарбати помидорро меорем:**

*1. Иммунитетро баланд мебардорад ва авитаминозро пешгирӣ мекунад.*

*2. Сатҳи муқаррарии қанди хунро нигоҳ медорад.*

*3. Токсинҳо ва моеъи зиёдатиро аз бадан хориҷ мекунад.*

*4. Ҳозимаро беҳтар мекунад.*

*5. Фишори хунро муътадил мегардонад.*

*6. Пайдоиши лахтаҳои хунро пешгирӣ мекунад.*

*7. Муқовимат ба стрессро зиёд мекунад.*

*8. Ба талафи вазн мусоидат мекунад.*

*9. Самаранокиро зиёд мекунад.*

*10. Хавфи пайдоиши варамҳоро коҳиш медиҳад.*

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Дар ҳаёти шахсӣ аз тағйиротҳо натарсед, беҳтараш кӯшиш намоед, ки аз вазъият фоида ба даст оред. Дарди сабуки дар ҷисматон пайдошуда ба зудӣ нест мешавад. Миёнаи ҳафта каме даромади пулӣ ба даст меоред.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Дар масъалаҳои молиявӣ ҷиддан андеша кунед. Одати қарз гирифтанро партоеду маблағро сарфакорона харҷ намоед. Ин ҳафта бахтатон омад мекунаду корҳоятон барор мегирад, ба шарте ки ба маслиҳати дигарон гӯш надиҳед.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Ҳафтаи нав барои ҷавзоҳо шодиву нишот меорад. Кӯшиши чизеро дар зиндагӣ тағйир доданро мекунед, навигарӣ мехоҳед. Миёнаи ҳафта барои бартараф намудани мушкилиҳое, ки ба дигарон гуфтан намехоҳед, мусоид аст.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Обрӯву нуфузи саратонҳо дар ҳафтаи нав миёни атрофиёнашон зиёдтар мегардад. Аз имкон дур нест, ки маҳз дар ҳамин ҳафта аз рафтору кирдори шумо тақдири дигарон вобастагӣ дорад. Айёми мусоидест барои вохӯрӣ бо нафарони мансабдор.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Зодагони муҷали асад дар ҳама ҷода мавқеашонро баланд бардошта, донишу малакаи худро бояд нишон дода тавонанд, танҳо бо ҳамин роҳ обруву нуфузи худро баланд бардоштан муяссар мегардад. Агар муҷаррад бошед, муҳаббати худро вомехӯред.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Зодагони муҷали сунбула дар ҳафтаи нав таваккал карда, бурд мекунанд. Аз уҳдаи мушкилиҳои дар ин ҳафта пайдошуда бо сари баланд мебароед, вале хаста мегардед. Рӯзи сешанбе ягон кори навро оғоз накунед, беҳтараш корҳои нобасомонро ба анҷом расонед.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Дар бисёр масъалаҳо гузашт карда, ба фоидаи худ амал мекунед. Дар масъалае нақши миёнаравро бозӣ карда, аз уҳдааш хеле хуб мебароед. Вақти хубест барои мустаҳкам сохтани муносибатҳои корӣ ва оилавӣ. Рӯзи чоршанбе ва ҷумъа аз пайи мустаҳкам сохтани саломатӣ шавед.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Ҳафтаи нав хеле серкор мешавед. Наздиконатон ба ғамхории шумо ниёз пайдо мекунанд. Корҳои зиёдеро аз рӯйи масъулиятнокӣ ва қарзи худ шуморида, иҷро мекунед. Рӯзи чоршанбе барои нафароне, ки ҷойи кори худро иваз кардан мехоҳанд, рӯзи мусоид аст.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Аввали ҳафта вазнину дилгиркунанда меояд. Шуморо лозим меояд, ки кори табъи дилатон набударо иҷро кунед, дар баробари ин, онро партофта ҳам наметавонед. Вазъиятро шахси дӯстдоштаатон тағйир медиҳаду дар натиҷа муҳаббататон ба ӯ бештар мегардад.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Аввали ҳафта кӯшиши ба атрофиён маслиҳату тавсияҳои худро бор карданро накунед. Агар кӯмаки шумо ба нафаре лозим бошад, ҳатман наздатон меояд. Тамоми корҳоятон бобарор анҷом ёфта, атрофиён ба шумо ҳасад мебаранд. Диққати худро ба аҳли оилаи худ равона созед.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Далвҳо дар ҳафтаи нав вохӯриву сафарҳои зиёд доранд. Нафарони наву аҷибе дар ҳаётатон пайдо мешаванд. Миёнаи ҳафта барои харид кардани ҷиҳозии хона мусоид аст. Агар нақшаи таъмир кардани хонаро дошта бошед, вақти харидани масолеҳи даркорӣ расидааст.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Аввали ҳафта ҳутҳо хеле мехоҳанд дар муҳити таскинбахш қарор дошта бошанд. Қабл аз кореро ба анҷом расонидан сад бор андеша намоед. Рӯзи душанбе ақидаи худро оромона баён кунед, вагарна атрофиёнро сахт меранҷонед.




# МЕРОСИ ХУРОСОНИ БУЗУРГ

## Ё рӯйдоди бузурги илмӣ-таърихӣ дар шинохти Ховарзамин

**ТАҚРИЗ БА СИЛСИЛАИ КИТОБҲОИ "МЕРОСИ ФАРҲАНГИИ ХУРОСОНИ БУЗУРГ. ФЕҲРИСТИ БУЗУРГОНИ ТОҶИК-ФОРС", Ҷ.1-2 (ДУШАНБЕ, 2024), КИ БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ ДАВЛАТИИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ ПЕШНИҲОД ШУДААСТ.**

Дар таърихнигорӣ ва лексикографияи муосири тоҷик сар аз нимаи дуюми қарни XX то имрӯз силсилаи осори хурду бузург рӯйи чоп омадаанд, ки далели қотеи рушди бесобиқаи ҳамаи навъи таърихнигорӣ - доиратулмаорифӣ, филологӣ, таърихӣ дар Тоҷикистон мебошад. Лозим ба қайд аст, ки машҳуртарин таҳқиқотҳои илмӣ аз ин қабил дар таърихи илми форсӣ-тоҷикии қуруни вусто "Китоб-уш-шифо" ва "Донишнома"-и Абуалии Сино (с. тав. 980 - с. ваф. 1037), ки якумӣ ба забони арабӣ ва дуюмӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ навишта шуда буд ва "Мафотиҳ-ул-улум"-и Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Котибии Хоразмӣ (с. тав. 910 - с. ваф. 980) ва ғайраҳо мебошанд.

"Мероси фарҳангии Хуросони Бузург" дар навъ худ як таҳқиқоти нисбатан комил ва фаркунанда, бо назардошти шароити муосири технологӣ ва рушди иттилооти илмӣ, хусусан роҷеъ ба шахсиятҳои таърихии халқи тоҷик мебошад. То кунун дар ҳақиқат ҳеҷ таҳқиқоте ба ин густардагӣ дар мавриди шахсиятҳои таърихии ин хиттаи бузург анҷом нашуда буд. Асари мазкурро метавон ҳамчун як шиносномаи бузургони тоҷик-форс унвон намуд. Дар ду ҷилди таҳқиқоти мазкур маълумоти муҳими таърихӣ, бо нишон додани сарчашмаҳои таърихӣ ва хаттӣ роҷеъ ба ҳудуди 2500 шахсияти таърихӣ (дар маҷмуъ 3780) маълумоти муҳим оварда шудааст. Дар муқаддимаи китоб барҳақ таъкид шудааст, ки "Хушбахтона, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини роҳбарӣ дар ростои баланд бардоштани сатҳи худогоҳию худшиносӣ, омӯзишу таҳқиқи мероси гаронмояи аҷдодӣ, тақвияти ҳофизаи таърихии миллӣ ва устувору пойдор сохтани пояҳои давлатдорӣ камари ҳиммат баста, дар ин самт ибтикороти ҷиддӣ рӯйи даст гирифтаанд". Китобе, ки бо унвони "Мероси фарҳангии Хуросони Бузург. Феҳристи бузургони тоҷик-форс" дар Душанбе соли 2024 дар як ҷилд ва ду китоб ба нашр расид, таҳти ҳидоят ва пуштибонии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мақоми Лоиҳаи миллӣ рӯйи кор омад. Чунонки мураттибони асар қайд менамоянд, "ҳадафи Лоиҳаи миллии "Мероси фарҳангии Хуросони Бузург" бо такя ба сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ва дидгоҳҳои мушаххаси илмӣ, инъикосу бозтоби ҳақиқати таърихӣ, ҷуғрофиёӣ, динӣ, мазҳабӣ ва тамаддуни сокинони қаламрави Хуросони Бузург мебошад, ки сарзамини аҷдод ва марзу буми ниёгони бономусу боғурури тоҷикон аст". Дастандаркорони ин лоиҳаи бузург тасмим гирифтаанд, ки мавзуҳои доманадор ва гуногунпаҳлу, аз қабили таърих ва ҷуғрофиёи Хуросони Бузург, забон ва хат, устура, шеър ва адабиёти қадим, дин, мазҳаб, фалсафаи миллӣ, улуми табиӣ-риёзӣ, осори ҳунарӣ, иқтисод, мусиқӣ ва ҳунари мусиқӣ ва амсоли инро ба сифати масъалаҳои меҳварии тадқиқот дар китобҳои худ матраҳ созанд. Ин аст, ки гурӯҳи корӣ ҷилди нахустини силсилаи "Мероси фарҳангии Хуросони Бузург"-ро дар се қисм таҳти унвони "Феҳристи бузургони тоҷик-форс" ба чоп тайёр карданд, ки ду китоб аз он соли 2024 ба дасти чоп расид. Китоби якум аз моддаи луғавии "Каюмарс" оғоз гардида, дар бораи зиндагӣ ва рӯзгори шахсиятҳои марбут ба силсилаи Пешдодиён ва замони эшон иттилоъ дода, бо Абулмузаффари Самъонӣ - муҳаддис, муфассир ва фақеҳи қарни XI ба итмом мерасад. Китоби дуюми ҷилди нахустин роҷеъ ба 1260 шахсияти маъруфи таърихии қаламрави фарҳангии Хуросони асрҳои XI-XVI иттилоъ медиҳад.

Яке аз вежагиҳои ин китоб дар усули ҷобаҷогузории моддаҳои луғавии он аст. Тамоми таърихнигорон имрӯз дар кишварҳои мутараққӣ, аз ҷумла Тоҷикистон усули алифбоии ҷобаҷогузории маводро риоя мекунанд, ки баҳри дарёфти мавод барои истифодабарандаи он марғубтарин усул маҳсуб меёбад. Вале муаллифони ин таҳқиқот усули дигар, яъне усули замонӣ ё хронологиро интихоб кардаанд. Аз ин ҷо, донишнома бо "Каюмарс" - нахустин инсон дар ҷаҳоншиносии аҷдоди мо, нахустин шоҳ дар таърихи тоҷику форсҳо оғоз гашта, сипас маълумот дар бораи ашхосе меравад, ки аз лиҳози замонӣ пештар аз якдигар зиндагӣ ва фаъолият кардаанд. Шояд ин вежагии асар аз муҳассаноти дигари ин китоб сар зада бошад. Таҳиягарони асар аз технологияи муосири рақамӣ истифода бурдаанд, ки ба қавли эшон, "бо таваҷҷуҳ ба мушаххасоти ҳувияти зеҳнӣ ва хислату характери насли наврасу ҷавони имрӯз таҳия шудааст". Ин маънии онро дорад, ки дар китоб танҳо феҳристи ашхос оварда шудааст, аммо иттилооти илмӣ ва муфассалро роҷеъ ба ин шахсият аз тариқи телефони мобилӣ ё компютер хонанда метавонад тавассути рамзе (QR), ки баъди номи ҳар як шахс ҷой дода шудааст, пайдо кунад.

Дар китоб мо маълумотро дар бораи ашхосе метавонем пайдо кунем, ки мероси гаронарзише ба мо ва умуман тамаддуни ҷаҳонӣ гузоштаанд. Хидмати чунин ашхос на танҳо муассир дар раванди худшиносӣ, худогоҳӣ ва худсозии миллати тоҷик аст, балки бозгӯи нақш ва мақоми тоҷикон дар ташаккул ва рушди тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад. Профессор Ш. Солеҳов ба ин лоиҳа баҳои баланд дода, таъкид мекунад, ки мо дар шинохт ва маърифати мақому нақши Хуросони Бузург дар таърихи тамаддуни башарӣ хеле таъхир кардем ва менависад: "Ба ҳамин хотир, имрӯз аз ҳар гӯшаю канори ҷаҳон ва минтақа даъвоҳои ворисият ба фарҳангу тамаддуни ин хиттаи ҳамешасабзи тамаддуни мо баланд мешавад. Аз ин ҷиҳат ҳам, амалисозии давра ба давраи Лоиҳаи мазкур як навъ муҳри хомӯшӣ бар даҳони ин даъвогарон мезанад".

Аз муҳассаноти дигар ва бисёр муҳими ин асар таълифи он бо се забон - тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва бо ҳуруфи ниёгон овардани матолиб мебошад. Чунин тарзи додани иттилоъ тақозои замон ва орзуи ҳамаи аҳли зиё буд ва аз ин рӯ месазад, ки бори дигар ва алоҳида ба дастандаркорони ин иқдом ташаккур гуфт, зеро доираи истифодабарандагони онро хеле ва хеле зиёд мекунад ва аз ҳама муҳим, ҳақиқат ва асли воқеаро ба ҷаҳониён тавассути ин забонҳои маъмул дар тамоми кураи Замин ошкор мекунад. Бинобар ин, асари мазкур, ки барои дарёфти Ҷоизаи давлатии академик Бобоҷон Ғафуров пешниҳод шудааст, дар ҳақиқат арзанда мебошад. Хусусан, дастгирии муҳаққиқони ҷавон онҳоро барои идомаи силсилаи корҳои таҳқиқотӣ ҳавасманд хоҳад кард.

**Нурулло ҒИЁСОВ,**
**профессор,**
**ходими калони илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**



## МАВЛУДНОМА

### 18 ИЮН

**Наим Ғиёсов** (1911-1968), 115-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Солеҳҷон Раҷабов** (1916-1991), 110-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Фирӯз Шукуров** (1946), 80-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

### 19 ИЮН

**Александра Катон** (1916-1999), 110-солагии зодрӯзи олими соҳаи сейсмология (заминларзашиносӣ).

**Исмоил Ҳамзаалиев** (1921-1943), 105-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

### 20 ИЮН

**Гулмурод Зуҳуров** (1941), 85-солагии зодрӯзи арбоби фарҳанг, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Клавдия Олимова** (1956), 70-солагии зодрӯзи доктори илми тиб.

**Светлана Топорова** (1941), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Ҷаҳон Устоев** (1941), 85-солагии зодрӯзи муаррих, профессор.

**Иззатулло Ҳаёев** (1936-2015), 90-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

### 21 ИЮН

**Давлатхоҷа Исмоилов** (1936), 90-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

**Муқим Маҳмадқулов** (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Юрий Харламов** (1946), 80-солагии зодрӯзи кинодраматург.

### 22 ИЮН

**Дадоҷон Ализода** (1941), 85-солагии зодрӯзи журналист.

**Ҳалима Ишонова** (1941), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Файзалӣ Чориев** (1946), 80-солагии зодрӯзи журналист.

**Лайло Шарифова** (1931), 95-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

### 23 ИЮН

**Қурбонбой Исоматов** (1926), 100-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

### 24 ИЮН

**Мирсаид Бобосаидов** (1946), 80-солагии зодрӯзи меъмор.

**Татяна Кухтина** (1926), 100-солагии зодрӯзи шарқшинос-муаррихи рус, таҳқиқгари таърихи асримиёнагии Хуросон.

### Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

**ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:**
(+992) **93 111 08 87**

## МЕФУРӮШАМ

1-ҳуҷрагии фурӯшӣ, 36.5 м.м., қабати 1, бинои 4-ошёна, бо таъмир, Профсоюз. Тел.: 907-07-25-57

2-ҳуҷрагии фурӯшӣ, 87 м.м., қабати 10, бинои 18-ошёна, баъди таъмир, нишонӣ: "Лесная Сказка", бе миёнарав. Тел.: 918-68-02-18

Дуто хонаи 2-ҳуҷрагӣ ва 3-ҳуҷрагӣ (под снос) дар Гулистон фурӯхта мешаванд. Тел.: 938-984-238

3-ҳуҷрагии фурӯшӣ, қабати 1, бинои 9-ошёна, бо таъмир, 84 мкр., 1 150 000 сомонӣ. Тел.: 022-08-68-68

## ИҶОРА МЕДИҲАМ

1-ҳуҷрагӣ, ба оиладорон иҷора дода мешавад, 2500 сомонӣ, пешпардохт барои 2 моҳ, Водонасос, к. Рӯдакӣ. Тел.: 552-00-25-52

3-ҳуҷрагӣ, қабати 6, бо тамоми шароиташ, танҳо барои оиладорон, нишонӣ: беморхонаи "Скорая помощь". Тел.: 988-88-04-34

## НИЁЗ ДОРЕМ

Рӯбучини босифати хона, рӯбучин баъди таъмир, рӯбучини пурра. Тел.: 901-51-01-50, 111-40-04-86

Ба маҳсгарбонувони ботаҷриба ниёз дорем. Тел.: 975-13-66-77

## КОР МЕҶӮЯМ

Рӯбучини хона. Тел.: 001-33-80-33

Рӯбучин ва хизматгори хона барои хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33

Рӯбучини босифати хона. Тел.: 931-47-17-13

## ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ГУНОГУН

Васлкунӣ ва ба қисмҳо ҷудо кардани мебел. Тел.: 917-05-77-05

Таъмири яхдон, бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

Газовик. Тел.: 988-61-10-57

## МЕФУРӮШАМ ГУНОГУН

Ҷевон (стенка) ва кати дунафара, истеҳсоли Душанбе, ҷевони дудараи либос, мизи ошхона, яхдони Минск-11, телевизор. Тел.: 919-00-17-25

Ҷевони (стенка) "Авангард", дарозиаш 3х4.5, истеҳсоли Белоруссия (6-блок), диванҳо, курпа ва курпача, зарф ва ғ. Тел.: 938-984-238

## МЕХАРАМ ГУНОГУН

Зарфҳо, флягҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, бонкаҳо, асбобу анҷом, қолинҳо, китобҳо, тангаҳо, нишон, медал, ҳайкалча, хрустал, яхдон, мошинаи ҷомашӯӣ, кондитсионер, коғазпора, оҳанпора мехарам. Тел.: 901-03-93-93, 918-70-16-92, 119-78-93-93

Зарф, парда, курпа, курпача, қолин, палос, одеол, китоб, телевизорҳои муосир, расмвораҳо, флягҳо, кастрюлҳо, кондитсионерҳоро мехарам. Тел.: 903-30-83-07, 987-60-50-47, 979-14-66-22

Зарф, дег, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғазпора, танга, нишон (монеты), ҳайкалчаҳо, мошинаи либосшӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғазпора, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаи ҷомашӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шартномаи ҷуброни бартарафсозии хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №9-2067, аз санаи 13.03.2023 байни Давлятов Алиджон Комилджонович ва ҶДММ "Партнер", ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Академик Адҳамов, ошёнаи 4, блоки Г (Г 1-4), 1-ҳуҷрадор, 61,12 м.м. ва дар ошёнаи 4, блоки Г (Г 1-1) 1-ҳуҷрадор, 50,37 м.м., ки дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи ҶТ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, ба номи Раҳматов Беҳруз Алиакбарович, ки соли 2012 аз ҷониби МТМУ №94-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Патенти соҳибкори инфиродӣ Хайдаров Абдурахим, РЯМ: 3330020825, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷ. Балхӣ додааст, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №9962, аз 03.05.2021, ба номи Абдусаломов Азамат Ибодулохонович, бо суроғаи ш. Ҳисор, шаҳраки Шарора, деҳаи Уртабуз, ки аз ҷониби КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар ш. Ҳисор дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи ҶДММ "Пахтаи Меҳрубон", №0275691, РЯМ: 0910010155, РМА: 090016383, санаи судур 16.08.2021, ки аз Нозироти андоз дар ш. Ҳисор дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи ҷуброни бартарафсозии квартира таҳти феҳрасти 2ШД-933, ки аз 21.04.2021 аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Файзуллоева Гулчеҳра Кукановна тасдиқ гардидааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи ҷуброни бартарафсозии квартира таҳти феҳрасти 2ШД-579 аз 11.07.2019, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Маджонов Мирзоали Комилович ба расмият даровarda шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, Т-АТА №0382365, ба номи Ҳасанова Робия Исокҷоновна, ки соли 2017 аз ҷониби МТМУ №11-и н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи ҶДММ "Марва Сохтмон", №0268551, РЯМ: 0210031360, РМА: 020057113, санаи судур 12.12.2022, ки аз Нозироти андоз дар н. И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1035342, ба номи Баротов Қурбоналӣ Абдукаримович, ки соли 2022 аз ҷониби МТМУ №46-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Билети ҳарбии гумшуда, ки аз тарафи Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фрунзе (алъон ноҳияи Сино)-и шаҳри Душанбе ба Холиқназаров Холназар Амонкулович, соли таваллуд 21.03.1975, дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

Дафтари ҳавлӣ ба номи Муродова Зебиниссо Давлятовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Амиршоева 83, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0653043, ба номи Зайдуллоев Муҳаммад Сайдалиевич, ки соли 2019 аз ҷониби МТМУ №15-и н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1360751, ба номи Рустамов Билолиддин Ҷамшедович, ки соли 2025 аз ҷониби МТМУ №62-и н. И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиноснomai шаҳрванди Россия, 67№3229585, ба номи Гундаков Шамиль Худоёрович, ки санаи 19.05.2025 аз ҷониби МВД 1712 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи хориҷии шаҳрванди Россия ба номи Алифова Екатерина Иброхимбековна, ки соли 2026 аз ҷониби МВД 1712 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Кипрова Евгения Владимировна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Борбад 72/5, ҳ. 46, соли 1992, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи хариду фурӯш дар реестри №9Д-476, аз 18.08.1995, ба номи Кипрова Евгения Владимировна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Борбад 72/5, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ, рақами қайд №8143, ба номи Муҳаммадиев Махмадали, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. У. Зокинӣ 20/24, ҳ. 4, 19.04.2012, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №22007, ба номи Исматов Мирзо, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Федина 11/9, ҳ. 15, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дипломи №0056157, рақами қайд №14447, ба номи Ахмедова Шаҳноза Ҳабибуллоевна, ки санаи 12.07.2013 аз Литсейи касбии алоқаи ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Билети донишҷӯӣ ба номи Косимова Шахло, ки аз ҷониби МИСИС соли 2021 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонот ва билети донишҷӯӣ ба номи Курбонов Фирдавс, ки соли 2022 аз ҷониби МИСИС дода шудааст, бо сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

ИНН ва шаҳодатномаи ҶДММ "Фавора Сохтмон", №0280835, РЯМ: 0110024310, РМА: 010100263, санаи судур 26.12.2018, ки аз Нозироти андоз дар н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

Дафтарчаи имтиҳонот ва билети донишҷӯӣ ба номи Азимджонзода Мухаммадрахим, ки аз ҷониби МИСИС соли 2025 дода шудааст, бо сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

Аттестати синфи 11, №0148541, ба номи Давлятова Мавлуда Сайвалиевна, ки санаи 25.06.2015 аз ҷониби МТМУ №47-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонот ва билети донишҷӯӣ ба номи Нарзиев Абдулрахмон, ки аз ҷониби МИСИС соли 2018 дода шудааст, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

Шиносномаи техникӣ, бинои истиқоматӣ, инвентари №1908, ки онро корхонаи барӯйхатгирии техники байниноҳиявии ш. Ваҳдат аз 19.11.1993, бо суроғаи ш. Норак, к. С. Ниёзов 11, ҳ. 25 ба Баргадаев Николай Иванович додааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонот ва билети донишҷӯӣ ба номи Замонов Дилшод Хуршедович, ки аз ҷониби МИСИС соли 2021 дода шудааст, беэътибор дониста шаванд.

Билети донишҷӯӣ ба номи Дехконов Лазалбек Ганижонович, ки аз ҷониби МИСИС соли 2021 дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонот ва билети донишҷӯӣ ба номи Чорубов Баходур Чиллахонович, ки аз ҷониби МИСИС соли 2015 дода шудааст, беэътибор дониста шаванд.

Билети донишҷӯӣ ба номи Ношиноси Назрин Сафарзода, ки аз ҷониби МИСИС соли 2021 дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонот ва билети донишҷӯӣ ба номи Абдуалимов Ансориддин Абдурахмонович, ки аз ҷониби МИСИС соли 2022 дода шудааст, бо сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

Дафтарчаи имтиҳонот ва билети донишҷӯӣ ба номи Сирочзода Изатуллои Аскар, ки аз ҷониби МИСИС соли 2021 дода шудааст, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

Билети донишҷӯӣ ба номи Хакимова Сабохат Хоралиевна, ки аз ҷониби МИСИС соли 2021 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонот ва билети донишҷӯӣ ба номи Собиров Манзар Мустафоевич, ки аз ҷониби МИСИС соли 2021 дода шудааст, бо сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

Дафтарчаи имтиҳонот ва билети донишҷӯӣ ба номи Чабборова Шоира Сайфиддиновна, ки аз ҷониби МИСИС соли 2021 дода шудааст, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

Дафтарчаи имтиҳонот ва билети донишҷӯӣ ба номи Мирзоев Комрон Отамуродович, ки аз ҷониби МИСИС соли 2021 дода шудааст, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

Билети донишҷӯӣ ба номи Шарифзода Исфандиёри Хабибулло, ки аз ҷониби МИСИС соли 2021 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Билети донишҷӯӣ ба номи Ормонова Умеда Амирбековна, ки аз ҷониби МИСИС соли 2021 дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлидорӣ ба номи Тавурова Гуларус Наимовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Н. Қарабоев 19, ҳ. 22, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ "Мурғи Файзбахш", №0275638, РМА: 090016034, РЯМ: 0910009870, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ "Тарабхонаи Зулол" дар ш. Ваҳдат, РЯМ: 0510009565, РМА: 050015288, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ "ЗОЛОТОЕ РУНО", РЯМ: 3310005545, воқеъ дар н. Ҷ. Балхӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ФУТБОЛ

# ҲАНГОМАҲОИ АВВАЛИН ДАР ДАВРИ ГУРӮҲИИ ҶОМИ ҶАҲОНИИ ФУТБОЛ-2026

**Бузургтарин ҳангомаҳои Ҷоми ҷаҳонии футболи соли 2026 дар оғози марҳилаи гурӯҳӣ хатоҳои дастаҳои аврупоӣ ва амрикоӣ буданд, ки азимдастаҳои талабгори унвони чемпионӣ дар бозиҳо бо дастаҳое, ки бечунучаро дар ин мусобиқа заиф ҳисобида мешуданд, имтиёзҳоро аз даст доданд.**



Аз ҷумлаи натиҷаҳои ғайричашмдошти даври аввал - ин мусовии ҳангомавии дастаи миллии Бразилия бо Марокаш буд - 1:1 Дар ҳамин ҳол мағрибиҳо аввалин шуда гол заданд ва дар муқобили бразилиҳо кам наомаданд. Боз як ҳангомаи бузургтар, ки оламиi футболро ба ҳайрат овард, мусовии бидуни голи Испания бо Кабо-Верде буд. Кабо-Верде дастаест, ки бори аввал ба қисми ниҳоии ҷоми ҷаҳон роҳ ёфтааст ва аз заифтарин дастаҳои мусобиқа ҳисобида мешуд. Инчунин, мусовии дастаҳои Швейтсария ва Қатар низ коршиносону мухлисонро ба ҳайрат овард. Наметавон гуфт, ки пирӯзии Австралия бар Туркия бо ҳисоби 2:0 низ ҳангома аст, аммо ба ҳар ҳол ба кам касон чашдори чунин ранг гирифтани бозӣ буданд. Мусовии Зеландияи Нав бо Эрон (2:2) аз бозиҳое буд, ки мухлисони тоҷикро як каме аз эрониҳо ноумед кард. Натиҷаи бозиҳои дигар он қадар ғайричашмдошт набуданд, аммо ин ки Куриёи Ҷанубӣ Ҷумҳурии Чехро бо ҳисоби 2:1 дар мубориза шадид мағлуб кард, дар ҳоле ки Эквадораз Кот-д'Ивуар шикаст хӯрд (1:0), як каме эҳсосбарангез аст.

Дар ҳамин ҳол, сармураббии дастаи Тунис Сабри Лямуши, баъди он ки даста бо ҳисоби 1:5 аз Шведсия мағлуб шуд, аз вазифа барканор гардид. Аз назаррастарин ҳодисаҳои дигари ин марҳала голи задаи дастаи Кюрасао ба дарвозаи Олмон буд, ҳарчанд ин даста бо ҳисоби 1:7 мағлуб шуд. Яке дигар аз ҷолибтаринҳо се голи Леонел Месcии 38-сола ба дарвозаи Алҷазоир буд, ки Аргентина бо ҳисоби 3:0 пирӯз шуд.

КУРАШ

# 10 НИШОНИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ

**Варзишгарони тоҷик дар Чемпионати куштии кураши Осиё соҳиби 10 нишон, аз ҷумла 4 тило, 5 нуқра ва 1 биринҷӣ шуданд. Ин мусобиқа рӯзҳои 13-14-уми июн дар шаҳри Душанбе баргузор шуд.**



Дар ин мусобиқа, ки аз 25 кишвари қора ширкат карданд, варзишгарони тоҷик Ҳақдод Гулов дар вазни 60 кг, Ёсин Бобокалонов дар вазни 66 кг, Умар Шеров дар вазни 73 кг ва Шариф Назриев дар вазни то 120 кг соҳиби нишони тило шуданд. Наврӯз Каримзод дар вазни 81 кг, Насиба Карликова дар вазни 52 кг, Шоҳида Қаландарова дар вазни 63 кг, Саидҷамол Алимардонов дар вазни 100 кг ва Шакармамад Мирмамадов дар вазни беш 120 кг нишонҳои нуқра ба даст оварданд. Ҳақназар Назаров дар вазни 90 кг нишони биринҷӣ гирифт.

Аз ҳисоби маҷмуи нишонҳо Тоҷикистон бо 10 нишон дар зинаи дуюм қарор гирифт.

Дастаи Ӯзбекистон бо 15 нишон - 10 тило, 2 нуқра ва 3 биринҷӣ мақоми аввалро гирифта, дастаи Куриёи Ҷанубӣ бо ҷамъи 4 нишон - 2 тило, 1 нуқра ва 1 биринҷӣ сеюм шуд.

Дар панҷгонаи беҳтарин Қазоқистон бо 9 нишон ва Туркманистон бо 6 нишон шомил шуданд.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

# «ИСТИҚЛОЛ» БА ЗИНАИ АВВАЛ БАРОМАД

**Бештари бозиҳои даври 11-уми Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон бо бартарии як гол ба охир расиданд, ба ҷуз бозии «Эсхата» бо «Ҳосилот», ки бо ҳисоби бузург ба фоидаи дуюмӣ ба анҷом расид.**

Дар ин давр ғайричашмдошт КМВА дар майдони худ аз дастаи «Парвоз» бо ҳисоби 1:2 шикаст хӯрд. «Баркчӣ» дар майдони худ дастаи «Хуҷанд»-ро бо ҳисоби 1:0 мағлуб кард. Дастаи «Равшан» дар Бохтар бо ҳисоби 2:0 бар «Вахш» пирӯз шуд ва вазъашро дар ҷадвал беҳтар кард. Дастаи дигари Хатлон «Ҳосилот»-и Восеъ дар мехмонӣ ба дарвозаи «Эсхата» 6 гол зад. Соҳибони майдон фақат як голи ҷавобӣ заданд.

«Истиқлол» дар сафар бар «Истаравшан» бо ҳисоби 2:1 пирӯз шуд ва ба зинаи якуми ҷадвали мусобиқа баромад. Дар дербии шаҳри Турсунзода «Сардор» аз «Регар-ТадАЗ» бо ҳисоби 0:1 мағлуб шуд. Ҳоло «Регар-ТадАЗ» пас аз 10 бозӣ бо 21 имтиёз дар зинаи дуюм аст. «Ҳосилот» низ 21 имтиёз дорад, аммо дар зинаи сеюм аст.




РЕЗААХБОР




Нимҳимоятгари дастаи «Помир»-и Душанбе ва собиқ бозигари дастаи мунтахаби олимпии Иттиҳоди Шуравӣ Владимир Ғуломҳайдаров дар синни 80-солагӣ дар шаҳри Маскав аз олам чашм пӯшид. Ӯ дар ҳайати дастаҳои «Энергетик» (Душанбе), «Торпедо» (Маскав) ва «Помир» (Душанбе) бозӣ кардааст ва сармураббии дастаҳои «Помир» ва «Вахш» низ будааст.

***

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон бозии навбатии дӯстонаи худро фасли тирамоҳ дар доираи омодагиҳо ба финали Ҷоми Осиё дар соли 2027 баргузор мекунад. Шогирдони Игор Ангеловский бо дастаи мунтахаби Озарбойҷон рӯ ба рӯ хоҳанд шуд. Ин бозии дӯстона давоми рӯзҳои FIFA дар Боку моҳи сентябр баргузор мешавад.

***

Мусобиқаи Octagon 87, ки барои унвон буд, дар Тошканд баргузор шуд. Дар вазни сабук байни Фазлиддин "Карим" Мадраҳимови тоҷик (17-6-1) ва Муҳиддин Мамаҷонови ӯзбек (9-2-1) набард шуд. Дар даври чорум Мамаҷонов қарор гирифт, ки аз мубориза даст кашад, зеро ҷароҳат дошт. Ҳамин тариқ, Фазлиддин "Карим" Мадраҳимов соҳиби камарбанди чемпиони муваққатии лигаи Octagon дар вазни сабук гардид.

***

Дар доираи барномаи рушди футболи занона «FIFA Women's Football Campaign», ки ба ммавигардонии футболи занона дар Тоҷикистон равона шудааст, дар варзишгоҳи «Вахш»-и шаҳри Бохтар бо иштироки 300 духтари аз 6 то 12-сола фестивал ва мусобиқаи футбол баргузор гардид.

***

Сирил Ган бар Алекс Перейра ғолиб омада, соҳиби унвони чемпиони муваққатии UFC шуд. Ӯ дар корномаи худ 14 пирӯзӣ ва 2 шикаст дорад. Ҳамчунин, Частин Гэтҷи аввалин шикасти Илия Топурияро рақам зада, чемпиони нави UFC дар вазни сабук шуд. Ҳоло ӯ 28 пирӯзӣ ва 5 бохт дар муҳорибаҳои омехтаи ҳарбӣ (ММА) дорад.




## РОҲАТ

Дар наздикии бинои тахрибшудаи чойхонаи машҳури “Роҳат” мӯйсафеде аз Мундонӣ пурсид:

- Бачам, ним соат шуд чойхонаи “Роҳат”-ро мекобам, аммо намеёбам. Ту медонӣ дар куҷост?

Мундонӣ ҷойи пештараи онро нишон дода, гуфт:

- Бобоҷон, ун чойхонаи мекофтаат дар ҳамин ҷо буд, аммо дигар нест. Онро канданд.

- Эхе, дигар на роҳат монду на чойхонааш гӯ?,- афсӯсхӯрон суол кард ӯ.

- Бале бобоҷон. Дар замони шумо ҳам роҳат буду ҳам чойхона. Дар замони мо, ки роҳат аз байн рафт, чойхонаашро низ барҳам доданд,-посух дод Мундонӣ.

## ПОЙЛУҶ ГАРДЕД

Имрӯз бо нияти харидани пойафзоли тобистона ба фурӯшгоҳ даромадам. Баъд аз каме сайр, туфлиеро интихоб карда, аз фурӯшандабонуи хушчеҳра бо лутф пурсидам:

- Хонуми зебо, арзиши ин пойафзоли зебоятон чанд аст?

- 1200 сомонӣ,- бепарвоёна посух дод ӯ.

- Эхе, зӯри мо муаллимҳо ба чунин пойафзол намерасад. Арзонтараш нест?,- бо умед суол кардам.

Як ба ман ва як ба туфлии поям нигариста, пурсид:

- Шумо то чанд сум харидорӣ карда метавонед, муаллим?

Гуфтам:

- Аз 200-300 сомонӣ зиёд набошад.

- Ин тавр бошад, пойи луч гардед, муаллим,- писхандомез гуфт ӯ.

## АФСОНА

Наберачаи Мундонӣ қиссаи наверо аз бибиаш бо шавқ гӯш карда, ба бобояш муроҷиат кард:

- Бобоҷон, шумо ҳам афсонагӯшкуниро дӯст медоред?

- Бале, дар кӯдакиям ҳар рӯз 2-3 соат афсона гӯш мекардам,- посух дод ӯ.

- Ҳозир чӣ?,- бо кунҷковӣ боз суол кард кӯдак.

- Эх ҷони бобо,- гуфт Мундонӣ,- ҳоло ҳар рӯзу шаб афсона гӯш мекунам.

## ДӮСТӢ

Бо рафике дар тарабхонае нишасте доштем. Бахси мо сари як пиёла арақ тафсиду вақте сухан аз дирӯзу имрӯзи дӯстии мо рафт, ӯ гуфт:

- Солҳост, ки мо дӯстем, аммо то ҳанӯз ман Мундонии вокеиро хуб намешиносам ва дар бораи ӯ чизе намедонам.

- Хайрият, ки намешиносӣ,- посух додам ман.- Вагарна дӯстиамон ин қадар дер давом намекард.

**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**

## ВАКСИНА

Марде аз духтур мепурсад:

- Духтур, дарҳол баъди ваксинагирӣ муносибати маҳрамона кардан мумкин аст?

Духтур дар ҷавоб:

- Не, шумо аввал ба хонаатон равед!

## ҶАНГАЛ

Марде аз дӯсташ мепурсад:

- Муносибатҳои маҳрамонаатон чӣ хел?

Дӯсташ дар ҷавоб:

- Мисли наботот...

Мард ҳайрон шуда:

- Чӣ хел?

Дӯсташ дар ҷавоб:

- Гоҳе занам кундаву гоҳи дигар ман хезум...

## ЗАН

Мард аз зани бадафте мепурсад:

- Бахшиш, шумо Абдулло ном доред?

Зан бо қаҳр:

- Мебахшеду ман зан ҳастам.

Мард мегӯяд:

- Шумо зани даҳшатнок будаед, Абдулло!

## МЕҲРУБОНӢ

Марде ба дӯсташ шиква мекунад:

- Бе зан наметавонам, мефаҳмӣ. Меҳрубониву ғамхорӣ мехоҳам...

Дӯсташ мегӯяд:

- Зан ёб охир.

Мард дар ҷавоб:

- Занамро куҷо мекунам?

## ПУЛИ ХАЛҚ

Нозири андоз аз раиси корхонае мепурсад:

- Шумо қасри боҳашаммат, панҷ мошини "Мерседес" ва шаш хонаро дар маркази шаҳр бо пули худатон харидед?

Раис дар ҷавоб:

- Боз бо пули кӣ ҳам мехаридам?

Нозири андоз мегӯяд:

- Ба фикрам, тамоми дороии шумо бо пули халқ аст!

Раис мегӯяд:

- Шумо чиҳо мегӯед?! Халқ аз куҷо ин қадар пул дорад?

## ТӮТӢ

Мардеро тӯтияш гум шуд. Шитофт то пулис.

- Тӯтии ман гум шуд,- гуфт мард.

Корманди пулис:

- Аз мо чӣ мехоҳед?

Мард мегӯяд:

- Ҳеҷ чиз! Агар тӯтиям пайдо шуд, донед, ки дашномҳояш андешаи шахсии ӯянд.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

